*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №12 (2839) | СЕШАНБЕ, 31 ЯНВАРИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад





## Машварати кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**27 январи соли 2012 Президенти кишвар Эмомалӣ РАҲМОН доир ба омодагӣ ба Конфронси байналмилалӣ оид ба ҳамкории иқтисодӣ бо Афғонистон ва Наврӯзи байналмилалӣ, ки дар шаҳри Душанбе баргузор мегарданд, машварати корӣ доир намуд.**

Дар машварат аъзои Кумитаи тадорукот оид ба омодагӣ ба ин чорабиниҳо, роҳбарони вазорату идораҳо ва ташкилоту муассисаҳои марбута, масъулини Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндагони аҳли илму фарҳанг ва адаби кишвар иштирок намуданд.

Доир ба омодагӣ ба Конфронси байналмилалӣ оид ба ҳамкории иқтисодӣ бо Афғонистон ва Наврӯзи байналмилалӣ, ки имсол дар даҳаи сеюми моҳи март дар шаҳри Душанбе баргузор мешаванд, вазири корҳои хориҷӣ Ҳамрохон Зарифӣ ва муовини Сарвазири кишвар Руқия Қурбонова гузориш доданд.

Аз ҷумла иттилоъ дода шуд, ки барои иштирок дар Конфронси байналмилалӣ оид ба ҳамкории иқтисодӣ бо Афғонистон, ки дар сатҳи вазирон баргузор хоҳад шуд, намояндагони 40 давлат ва 35 созмони минтақавию ҷаҳонӣ изҳори омодагӣ кардаанд.

Дар ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ иштироки роҳбарони як қатор давлатҳои ҷашнгирандаи ин иди бостонӣ, намояндагони воломақом, аҳли илму фарҳанг аз кишварҳо ва созмонҳои сершумори ҷаҳон дар назар аст.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба масъулини дахлдор доир ба омода кардани нақшаю барномаҳои ин чорабиниҳои байналмилалӣ ва дар тамоми қаламрави кишвар бо шукӯҳу шаҳомати хоса истиқбол гирифтани соли нави аҷдодӣ супоришҳои мушаххас дод. Аз ҷумла таъкид гардид, ки корҳои ободонию кабудизоркунӣ, бунёди боғу гулгаштҳои зебо, тозаю озода кардани ҳар хона ва кӯчаю хиёбонҳо, ба роҳ мондани чорабиниҳои илмию фарҳангӣ, озмунҳои гуногуни ҳунармандони мардумӣ дар тамоми шаҳру ноҳияҳо ва ҳар деҳаю ҷамоат вусъат дода шавад.

***АМИТ «Ховар»***

## Ба вазифаҳои нав таъин гардиданд

**28 январи соли 2012 Президенти кишвар Эмомалӣ РАҲМОН як гурӯҳ кадрҳои ба вазифаҳои ҳайати роҳбарӣ дар Шӯрои амният, Вазорати корҳои дохилӣ ва дигар сохторҳо пешниҳодшударо барои сӯҳбат ба ҳузур пазируфт.**

Баъди сӯҳбат бо Сарвари давлат чор нафар ба вазифаҳои машваратчии калон – сардорони шӯъбаҳои дастгоҳи Шӯрои амнияти кишвар доир ба амнияти ҷамъиятӣ, иқтисодӣ, мудофиавӣ ва иттилоотӣ, пешгӯйӣ ва робитаҳои байналмилалӣ, се кас ба вазифаҳои сардорони раёсатҳои кофтукови ҷиноӣ, тафтишот ва муҳофизати тартиботи ҷамъиятии Вазорати корҳои дохилӣ таъин гардиданд.

Ҳамчунин сардорони шӯъбаҳои корҳои дохилии ноҳияҳои Фархор, Қумсангир, Вахш, Балҷувон, Ҳисор ва Шаҳринав иваз карда шуданд.

Муҳаббат Иброҳимов сардори Маркази Тоҷикистон оид ба минаҳо таъин карда шуд.

Зимни сӯҳбат Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон аз ҳодисаҳои ногувори даст задани кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба амалҳои ҷиноию ғайриқонунӣ бо таассуф ёдовар шуда, онҳоро ба иҷрои содиқонаю софдилонаи вазифаҳои пурмасъулияти дар наздашон гузошташуда, муборизаи беамон бо ҷинояткорӣ, таъмини амнияту субот дар ҷомеа ва тарбияи дурусти кадрҳои ҷавони соҳаҳои худ ҳидоят намуд.

***www.prezident.tj***

## Барқияи табрикӣ

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти Ҷумҳурии Туркия Абдулло Гул ба ифтихори 20-солагии муносибатҳои дипломатии ду кишвар барқияи шодбошӣ ирсол намуд, ки дар он аз ҷумла омадааст:**

**«Ҷаноби Олӣ, бародари азиз!**

Дар иртибот ба бистсолагии истиқрори муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия сарфарозам ба Шумо ва мардуми дӯсти Туркия табрикоту шодбошҳои самимонаи худро бифиристам.

Бо камоли масаррат мехоҳам зикр намоям, ки тайи давраи сипаришуда ҳамкориҳои гуногунҷанба ва мутақобилан судманди байни Тоҷикистон ва Туркия дар асоси усулҳои дӯстии пойдор, баробарҳуқуқӣ, эҳтироми мутақобила ва баробарманфиатӣ раванди рушди бемайлонро касб карда, имрӯз дар сатҳи баланди ҳамшарикии самараноки ду ва бисёрҷониба қарор гирифтаанд.

Изҳори итминон менамоям, ки равобити воқеан дӯстонаи байни кишварҳои мо дар такя ба дастовардҳои бист соли гузашта дар оянда низ густариш ёфта, боз ҳам мустаҳкам хоҳанд гашт.

Бо истифода аз ин фурсати фараҳбахш ва бо ишора ба ҳавасмандии ҷониби Тоҷикистон ҷиҳати тавсеаи ҳамкориҳои гуногунарсаи судманд бо кишвари Туркияи дӯст, мехоҳам омодагии хешро барои саъйу кӯшишҳои муштарак ҷиҳати таҳким ва рушди минбаъдаи муносибатҳои ҳасанаи байни кишварҳоямон таъкид намоям.

Ба Ҷаноби Олӣ сиҳату саломатӣ, бахту саодат, пирӯзиҳои нав ба нав ва ба мардуми бародари Туркия сулҳу амонӣ, пешрафти рӯзафзун ва шукуфоӣ таманно дорам».

***АМИТ «Ховар»***

## Регламенти шаҳри Душанбе бояд риоя шавад

### Гузориш аз ҷаласаи кории раиси шаҳри Душанбе Маҳмадсаид Убайдуллоев

**Ҷанде пеш дар Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе таҳти раёсати Маҳмадсаид Убайдуллоев ҷаласаи кории раиси шаҳр бо иштироки васеи фаъолони пойтахт ва роҳбарони сохторҳои шаҳрию раисони комиссияҳои доимии Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе баргузор гардид.**

Дар ҷаласа М. Убайдуллоев бо хулоса аз дастуру нишондодҳои Президенти мамлакат дар ҷаласаи Ҳукумат оид ба ҷамъбасти рушди иқтисодию иҷтимоӣ дар соли 2011 масъалаҳои марбут ба ҳаёти хоҷагидории шаҳрро мавриди баррасӣ қарор дод.

Қабл аз ҳама масъалаи бо роҳҳои сохтакорӣ соҳиби шаҳодатномаи маълумоти миёнаи умумӣ шудани ашхоси таҳсилнакарда, берун аз мактаб бо амалҳои номатлуб даст задани хонандагонро таъкид намуда, ба муовини раиси шаҳри Душанбе С. Раҳимова ва сардори Раёсати маорифи шаҳри Душанбе Г. Бобоева дастур дод, ки дар баробари ба сифати таълим таваҷҷуҳ зоҳир кардан, нисбати одобу тарбияи мактабиён дар ҳамкорӣ бо кумитаҳои падару модарон ва мақомоти дахлдор чораҳои оммавиро тақвият бахшанд.

Ҳамзамон таваҷҷуҳи Раёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳии шаҳри Душанбе, шӯъбаҳои кор бо занон, оила ва фарҳанг, бахши кор бо ноболиғон ва мақомоти марбутаи ҳифзи ҳуқуқи шаҳри Душанбе барои пурзӯр намудани фаъолият дар ин самт нигаронида, супориш дода шуд, ки баҳри рафъи нуқсонҳои ҷойдошта ва ташкили ҳамкориҳои муштарак кори Шӯрои ҳамоҳангсозии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи шаҳрӣ пурзӯр карда шавад.

Баҳри мусоидат намудан ба баланд бардоштани сатҳу сифат дар низоми хоҷагидорӣ дастур дода шуд, ки дар мӯҳлати ду ҳафта мудирони шӯъбаҳои маорифи ноҳияҳои шаҳр, директорони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, инчунин сардухтурони дармонгоҳҳо ва беморхонаҳои зертобеи Раёсати тандурустии шаҳри Душанбе, ки беш аз панҷ сол ифои вазифа намудаанд, бо кадрҳои ҷавону соҳибтаҷриба иваз карда шаванд.

Дар ҷаласа сардори РКД-и шаҳри Душанбе А. Бузмаков оид ба ҳолати ҷиноятнокӣ дар шаҳр ва тадбирҳои роҳандозигардида баҳри таъмини тартиботи ҷамъиятӣ гузориш дод.

Бо хулоса аз гузориши мазкур Маҳмадсаид Убайдуллоев фармуд, ки фаъолияти нозирони минтақавӣ аз нигоҳи мутобиқат ва касбият бобати тақвияти чораҳо оид ба пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо, сохтмонҳои ғайриқонунӣ ва таҳкими робита бо ҷомеа мавриди баррасӣ қарор дода шавад.

Аз ҷумла зикр гардид, ки РКД-и шаҳри Душанбе ҳолати риояи регламенти шаҳри Душанберо, ки баҳри субот ва оромии сокинон то соати $23^{00}$ (ба истиснои муассисаҳои ҳаётан муҳим) муқаррар гаштааст, аз ҷониби тамоми субъектҳои хизматрасон, сарфи назар аз шакл ва тобеияти идоравӣ, зери назорати доимӣ қарор диҳад ва аз тарафи комиссияи ҷамъиятӣ нисбати ҷараёни он пайваста мониторинг бурда шавад.

Дар ҷаласа инчунин масоили ғановати бозори истеъмолӣ, пешгирӣ аз болоравии нархи маҳсулот ва андешидани тадбирҳо алайҳи фаъолияти монополистии субъектҳои хизматрасон дар шаҳр, роҳандозии иҷрои нақшаҳои андоз ва аз байн бурдани бақияпулиҳо дар соли ҷорӣ, истифодаи иқтидорҳои истеҳсолӣ дар бахши саноат, таъминоти аҳолӣ бо оби нӯшокӣ, хизматрасониҳои нақлиёти мусофиркаш ва дигар масъалаҳое, ки аз барномаҳои Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе дар соли 2012 бармеоянд, мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Аз ҷумла қарор дода шуд, ки баҳри дастгирии оилаҳои камбизоат ва категорияҳои ниёзманди шаҳр дар доираи қарорҳои қабулнамудаи раиси шаҳр чораҳои мушаххас амалӣ карда шавад ва оид ба андозаи 200 сомонӣ муқаррар намудани иловапулии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ба нафақаи моҳонаи иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ки феълан 150 сомониро ташкил медиҳад, масъулин унвонии раиси шаҳр пешниҳод ирсол доранд.

***Ш.САИДОВ,***
***котиби матбуотии раиси шаҳри Душанбе***

## Дар Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**30 январи соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**



Суратгир А. ИСОЕВ

Бо қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзномаи ҷаласаи навбатии Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шуд.



Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон М.Ватанов масъалаҳои нахустини рӯзнома – «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният А.Азимов масъалаи навбатӣ – «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ярок» ва раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия А.Катаев масъаларо «Дар бораи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Герсогии Бузурги Люксембург оид ба алоқаи ҳавоӣ» шарҳ доданд.

Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи масъалаҳои муҳокимагардида таври алоҳида қарорҳо қабул карда, масъалаҳои мазкурро барои баррасӣ ба ҷаласаи Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум пешниҳод намуд.

Ҳамзамон тибқи қарорҳои қабулкардаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои зерин – «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи Раиси Бонки миллии Тоҷикистон озод намудани Шариф Раҳимзода», «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин намудани Ширинов А.», «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон озод намудани Ҳақназаров Т. И.» ва «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин намудани Неъматов А.Ҳ.» ҷиҳати баррасӣ ба ҷаласаи Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум пешниҳод гардиданд.

Мувофиқи муқаррароти қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи навбатии рӯзнома – «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тайёр намудани мутахассисон дар низоми таҳсилоти касбӣ бо назардошти талаботи бозори меҳнат» барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои гузаронидани экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуд.

Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дарназардошти пешниҳоду эродҳои баёнгардида, дар бораи ба такмил баргардонидани масъалаҳои зерин- «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» қарорҳои алоҳида қабул намуд.

Қарорҳои Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум» қабул гардиданд.

***Ҷумъахон НАБОТОВ, «Садои мардум»***

**• Аз Паём то Паём**

## Қӯрғонтеппаро биноҳои хуштарҳу замонавӣ ҳусни нав мебахшанд

**Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (20 апрели соли 2011) чунин омадааст: «Ҷиҳати таҳкими суботи иқтисодиву иҷтимоӣ дар шароити афзалияти муносибатҳои нави иқтисодӣ ислоҳоти амикро амалӣ карда истодаем».**

**Дар ин раванд корҳои созандагӣ дар ҳама соҳа ба назар мерасанд. Тавре дар Паём таъкид мешавад: «Таъмин намудани рушди босуботи иқтисодӣ ва бо ин васила баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар аз оғози даврони истиқлолият то ба имрӯз ҳадафи асосии давлат ва Ҳукумат мебошад».**

**Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Қӯрғонтеппа дар ин самт чӣ гуна фаъолият дорад?**

**Сӯҳбати хабарнигорамон бо раиси шаҳри Қӯрғонтеппа Шарифхон Самиев дар ин хусус аст.**



**- Қӯрғонтеппа маркази вилояти Хатлон ва ҳамзамон шаҳри саноатӣ маҳсуб меёбад. Соли гузаштаро соҳаҳои хоҷагии халқи шаҳр бо чӣ гуна дастовардҳо ҷамъбаст намуданд?**

- Ҷомеаҳои меҳнатии соҳаҳои хоҷагии халқи шаҳри Қӯрғонтеппа баҳри дар амал татбиқ намудани дастуру супоришҳои Сарвари давлат, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2011-ро бо як қатор нишондиҳандаҳои баланди рушди тараққиёти иҷтимоиву иқтисодӣ ҷамъбаст намуданд.

Баҳри пуррагардонии буҷет тадбирҳо андешида, аз манбаъҳои иловагии ҷамъоварии андозҳо самаранок истифода шуд ва дар натиҷа нақшаи қисми даромади буҷети маҳаллӣ 111,7 фоиз иҷро гардида, ба буҷет 22 млн.823 ҳазор сомонӣ ворид карда шуд, ки нисбати соли гузашта 3 млн. 450 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва корҳои хизматрасонии саноатӣ 110,1 млн. сомониро ташкил дод, ки назар ба соли 2010-ум 29 млн.260 ҳазор сомонӣ зиёд буда, нақшаи дурнамои соли 2011-ум 2,1 баробар иҷро гардид.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста дар маҷлису вохӯриҳо ва Паёмҳояшон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус зимни сафарҳои кориашон ба вилояти Хатлон оид ба беҳтар намудани вазъи истеҳсолот дар корхонаҳои саноатӣ, бо иқтидори даркорӣ ва бо ашёи хоми маҳаллӣ кор кардани онҳо вазифаҳои мушаххас гузошта буданд. Ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Президенти мамлакат ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 декабри соли 2003 таҳти рақами 523 «Дар бораи консепсияи рушди саноати Тоҷикистон» тадбирҳои иловагӣ андешида, дар соли 2011-ум 11 корхонаи хурди истеҳсоли нӯшокиҳои ғайриспиртӣ, маҳсулоти қаннодӣ ва масолеҳи сохтмонӣ ба фаъолият шурӯъ намуд, ки тавассути онҳо зиёда аз 120 ҷойи нави кор таъсис ёфт. Инчунин дар арафаи ҷашни 20-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон дар ҶС «Хӯрокворӣ» сехи бозистода аз таъмир бароварда, аз ҳисоби соҳибкорони ватанӣ ба маблағи 165 ҳазор доллари амрикоӣ таҷҳизоти истеҳсоли консерва ва меваи хушк васл карда шуд.

**(Идома дар саҳ. 2)**

# Қӯрғонтеппаро биноҳои хуштарҳу замонавӣ ҳусни нав мебахшанд

(Идома аз сах. 1)

Дар ҶСШК «Баҳодур-С» сехи истеҳсоли ҳасиб ва маҳсулоти қаннодӣ, дар ҶС «Комбинати шир» дастгоҳи истеҳсоли ҷурғоти мевагӣ ба фаъолият шурӯъ намуда, сехи нонпазии ҶСК «Баракат-1» бо таҷҳизоти барқии каммасраф муҷаҳҳаз шуд. Дар ҶСК «Трансформатор» дар асоси шартномаи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон истеҳсоли трансформаторҳои тамғаҳои нав ба роҳ монда шуд. Дар ҶСК «Умед-1» ва ҶСК «Орди Хатлон» дар натиҷаи амалӣ намудани дастуру супоришҳои Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ашёи хом ба миқдори кофӣ захира шуда, айни замон ин корхонаҳо дар ду баст фаъолият доранд.

Дар доираи нақшаи чорабиниҳо оид ба омодагӣ дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2011-2012 як қатор тадбирҳои ташкилӣ-техникӣ, аз ҷумла таъмири шабакаҳои барқӣ, зеристгоҳи хату ноқилҳо гузаронида, трансформаторҳо ва таҷҳизоти барқӣ ба маблағи 1 млн. 365 ҳазор сомонӣ таъмир шуданд. Ҳамчунин дар арафаи ҷашни 20-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон зеристгоҳи барқӣ сохта ба истифода дода шуд, ки боиси беҳтар гардидани таъминот бо барқ гардид.

Бо мақсади беҳтар таъмин намудани аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ тадбирҳои судбахш андешида мешаванд. Лоиҳаи инвеститсионии пешниҳодшуда аз ҷониби Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд дастгирӣ ёфта, барои амалӣ гардидани он 1 млн. 900 ҳазор доллари амрикоӣ ҷудо гардидааст. Кор дар ин самт оғоз ёфта, айни замон қубурҳои фарсудашудаи обгузари маркази шаҳр ба масофаи 54500 метр бо қубурҳои пластикӣ иваз карда шуд. Барои беҳтар ба роҳ мондани фаъолияти муассисаҳои байниноҳиявии обтаъминкунӣ 7 адад таҷҳизоту наклиёт харидорӣ шуд. Инчунин аз ҳисоби ин маблағҳо 1500 метр қубурҳои фарсудашудаи обгузар иваз ва дар хонаҳои шаҳрвандон 2000 адад обченкунак васл карда мешавад.

**- Вобаста ба рушди маориф, фарҳанг ва тандурустӣ чӣ тадбирҳо андешида мешавад?**

- Ҳоло дар шаҳр 10 мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, чор литсей, як гимназия, як мактаби ғоибонаи калонсолону навраcон ва 16 муассисаи томактабӣ фаъолият дорад. Дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ 19395 нафар хонанда ба таълим ҷалб гардидаанд. Дар 15 кӯдакистон, ки иқтидорашон дорои 1800 ҷой мебошад, 2366 нафар кӯдакон ба тарбия фаро гирифта шудаанд. Шумораи омӯзгорон 798 нафар буда, 572 нафари онҳо занон мебошанд.

Ҷиҳати дастгирии хатмкунандагон ва ба ин васила таъмин намудани муассисаҳои таълимии шаҳр бо кадрҳои омӯзгорӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети маҳал соли ҷорӣ 29 нафар ва дар маҷмӯъ 74 нафар донишҷӯён дар шӯъбаҳои омӯзгории Донишгоҳи давлатии ба номи Н.Хусрав таҳсил менамоянд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр ба соҳаи тандурустӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир мекунад. Дар ин давра аз ҳисоби буҷети маҳал ба маблағи 41 ҳазору 500 сомонӣ шӯъбаҳои қисмати бистаригардонӣ ва муассисаҳои кӯмаки аввалини тиббӣ аз таъмири ҷорӣ бароварда шуд. Ба маблағи 20 ҳазор сомонӣ катҳои нарм, мизу курсӣ, ҷевон ба муассисаҳои мазкур ва ба маблағи 190 ҳазор сомонӣ дастгоҳи ҳозиразамони эндовидеоҷарроҳӣ ба қисмати бистаригардонӣ харидорӣ карда шуд. Инчунин ба маблағи 12 ҳазор сомонӣ таҷҳизоти ташхисию табобатии замонавиии «Ултросадо», «Эндоскоп», «Рекдоскоп», дастгоҳи кашиши барқӣ, ЭКГ, дастгоҳ барои нафаскашии сунъӣ, РО-9, таҷҳизоти ҷарроҳӣ харидорӣ гардида, омодаи фаъолият мебошанд. Ҳамчунин дар доираи ҳамкориҳо ва амалигардонии Барномаҳои соҳа ду автомобили «Ремобил»-и ҷиҳозонидашуда аз ҳисоби Маркази забонҳои хориҷии «Сувортеппа» ба беморхона тӯҳфа карда шуд.

**- Мутобиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳудуди маъмурии шаҳри Қӯрғонтеппа васеъ гардонида мешавад. Вобаста ба ин, дар сохтори Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр чӣ гуна тағйирот ворид гардид?**

- Таҳияи нақшаи генералии шаҳр дар давоми ду сол идома дошта, аз ҷониби ҶСК «Шаҳрофар»-и шаҳри Душанбе моҳи ноябр ба анҷом расида, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуд ва 29 декабри соли 2011 дар ҷаласаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид. Дар семоҳаи соли 2012 нақшаи тарҳрезии маҳал аз ҷониби ин институт иҷро карда мешавад.

Дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011 таҳти рақами 660 тарҳи шаҳри Қӯрғонтеппа тағйир дода шуда, аз ҳисоби заминҳои ноҳияҳои Бохтар 1612,04 гектар ва Вахш 163,78 гектар ҷамъ дар масоҳати 1775, 82 гектар ба ҳудуди шаҳри Қӯрғонтеппа гузаронида, марзи маъмурии шаҳри Қӯрғонтеппа 2568,5 гектарро ташкил хоҳад дод.

Дар шаҳри Қӯрғонтеппа то 1 январи соли 2010 беш аз 73 ҳазор нафар аҳолӣ истиқомат доштанд. Бо назардошти маҳалҳои аҳолинишин атрофи деҳаҳои ноҳияҳои Бохтар ва Вахш, ки ба қаламрави маъмурии шаҳр дохил мешаванд, шумораи аҳолии он 99,8 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Соли 2035, бо назардошти аҳолии маҳалҳои атрофи он, аҳолии шаҳри Қӯрғонтеппа ба 180 ҳазор нафар мерасад.

Нақшаи аслии айни ҳол амалкунандаи наклиётии тибқи нақшаи генералии соли 1978 таҳияшуда ҳамчун асос қабул карда, вале дар лоиҳаи нав бо мақсади беҳтар намудани инфрасохтор, бо назардошти ташкил кардани роҳи дуюми давродаврии наклиётӣ ва камтар вайрон кардани фонди манзили истиқоматии мавҷуда, васеъ гардонидани кӯчаҳо тавсияҳо пешниҳод карда шудаанд.

**- Дар ин замина, бешубҳа, ба бунёди корхонаҳои саноатӣ, хизматрасонӣ, тиҷоратӣ ва ғайра диққати махсус дода мешавад…**

- Шаҳри Қӯрғонтеппа шаҳри саноатист. Албатта, минбаъд низ дар нақшаи нави генералии шаҳр барои сохтмони корхонаҳои саноатӣ дар даромадгоҳи шаҳр аз тарафи ноҳияи Ҷалолиддини Румӣ ба миқдори 60 гектар қитъаи замин пешбинӣ гардидааст, ки вобаста ба шароити маҳал иншоотҳо аз тарафи соҳибкорони ватанӣ, сармоягузорон, аз ҳисоби барномаҳои қабулгардида ва ҳамчунин аз ҳисоби барномаҳои инвеститсионӣ сохта мешаванд.

Дар асоси нақшаи нави генералии таҳияшудаи шаҳри Қӯрғонтеппа то соли 2035 дар назди Бозори «Ҳоҷӣ Шариф», ки дар арафаи ҷашни 20-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон бо иштироки Президенти кишвар, Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ифтитоҳ гашт, дар масоҳати 3 гектар сохтмони терминали замонавии байналмилалӣ ба нақша гирифта шудааст. Оянда хатсайрҳои нав ба кишварҳои ҳамсояи Афғонистон, Эрон, Покистон, Ҷумҳурии Халқии Хитой ва ғайра кушода мешаванд.

***Аъзам МӮСОЕВ,***
***«Садои мардум»***

# Номзадҳо ба аъзогии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуданд

Ба Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон протоколи комиссияҳои ҳавзавии интихобот дар бораи ба қайд гирифтани номзадҳо ба аъзогии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуданд.

Ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда оиди бақайдгирии номзадҳо ба аъзогии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботи моддаи 35 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» пурра мувофиқанд.

Бо қарори комиссияҳои ҳавзавии интихобот шахсони зерин ҳамчун номзадҳо ба аъзогии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуданд:

**Дар ҳавзаи интихоботии Суғд №2**- Абдуллоев Иброҳим Ғоибназарович, соли таваллуд 1957, узви ҲКТ, раиси шаҳри Истаравшан, истиқоматкунандаи шаҳри Истаравшан. Маҷлисҳои вакилони халқи шаҳри Истаравшан, ноҳияҳои Ғончӣ, Зафаробод ва Шаҳристон пешбарӣ намудаанд.

**Дар ҳавзаи интихоботии Хатлон №3** - Тавакалов Абдуҷон Шарифович, соли таваллуд 1953, узви ҲХДТ, раиси ноҳияи Панҷ, истиқоматкунандаи шаҳраки Панҷ. Маҷлисҳои вакилони халқи ноҳияҳои Шаҳритус, Қумсангир, Қубодиён, Носири Хусрав, Панҷ ва Ҷиликӯл пешбарӣ намудаанд.

**Дар ҳавзаи интихоботии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ №5**- Абдураҳмонов Саидумрон Назарович, соли таваллуд 1957, узви ҲХДТ, раиси ноҳияи Рашт, истиқоматкунандаи ноҳияи Рашт. Маҷлисҳои вакилони халқи шаҳри Роғун, ноҳияҳои Файзобод, Нуробод, Рашт, Тоҷикобод, Ҷиргатол ва Тавилдара пешбарӣ намудаанд.

Тағоев Саидмурод, соли таваллуд 1952, узви ҲХДТ, раиси ноҳияи Рӯдакӣ, истиқоматкунандаи ноҳияи Рӯдакӣ. Маҷлисҳои вакилони халқи шаҳрҳои Ваҳдат, Турсунзода, ноҳияҳои Рӯдакӣ, Варзоб, Ҳисор ва Шаҳринав пешбарӣ намудаанд.

***А. МӮСО,***
***«Садои мардум»***

# Азми бинокорон

## Бунёди бинои маъмурии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Шуғнон босуръат идома дорад

**Сохтмони иншооти маркази маъмурии ноҳияи Шуғнон дар деҳоти Поршинев соли дуюм аст идома дорад. Дар иншооти асосӣ-бинои дуошёнаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия, ки арзиши лоиҳавии он 4 млн. сомонӣ мебошад, корҳои сохтмонӣ дар авҷ аст. Сохтмонро корхонаи масъулияташ маҳдуди «Бунёд» ба ӯҳда дорад.**

Сардори сохтмон Фирдавс Саидтаибов ва усто Мирҳасан Мирабашоврo машғули таҳияи нақшаи кори рӯзи оянда ёфтем. Вақти сӯҳбат маълум шуд, ки соли гузашта коргарон сохтмони таххонаи биноро то моҳи январ ба андозаи маблағи ҷудошуда анҷом доданд. Бинокорон ба сардии ҳаво нигоҳ накарда, пурмаҳсул заҳмат мекашанд. Ҳамагӣ 62 нафар коргарон дар ҳашт бригада мувофиқи касбу ҳунар-деворзанӣ, бетонрезӣ, арматурабофӣ, кафшергарӣ, дуредгарӣ муттаҳид буда, аз рӯйи реҷаи муқарраршуда фаъолият доранд.

Кор дар ошёнаи якум аллакай анҷом ёфта, хиштчинҳои бригадаҳои Асадбек Хусравов ва Булбул Давлатназаров корро дар ошёнаи дуюм босуръат ва сифати хуб давом дода истодаанд.

Деворҳои толори маҷлисҳо қомат афрохта, коргарон омодаи гузоштани болорҳои оҳанини бомпӯшӣ ҳастанд.

Дар як гӯшаи майдони сохтмон арматурабофону кафшергарон бо сардории Азиз Музаффаров ва Амирмамад Мародмамадов барои корҳои бетонрезӣ қолабҳо тайёр мекунанд.

**-Масъалаҳои таъминоти маблағу масолеҳи бинокорӣ оё сари вақт ҳалли худро меёбад?-** мепурсам аз сардори сохтмон.

-Оид ба таъминоти масолеҳи сохтмонӣ мо бо корхонаҳои соҳавӣ шартнома дорем. То кунун хишти пухтаро аз корхонаи хиштбарории ноҳияи Ванҷ мегирифтем. Вале бо фаворасии хунукӣ ва танқисии об корхона ҳоло хишт бароварда наметавонад ва мо маҷбурем онро бо сарфи бештар аз шаҳри Душанбе кашонда оварем. Плитаҳои бомпӯширо аз заводи маснуоти оҳану бетонии Хоруғ мегирем.

Барои ҳал намудани масъалаҳои маблағгузорӣ сарвари муассисаи мо ба шаҳри Душанбе рафтааст. Ба маблағи 628 ҳазор сомонии ҷудошуда то якуми декабр корҳо иҷро шуданд. Агар Дирексияи сохтмони иншоотҳои ҳукуматӣ ба таври илова маблағ ҷудо кунад, мо корро дар сохтмони ошёнаи дуюми ин бино ва пӯшондани толори маҷлисҳо ба охир мерасонем.

**- Музди меҳнати коргарон чӣ қадар аст?**

- Ин ба ҳаҷму сифати кор, яъне таҷриба, донишу маҳорати коргар вобаста аст. Умуман, музди миёнаи коргарон 500-800 сомониро ташкил медиҳад.

**- Оё сармои зимистон ба суръату сифати кор халал намерасонад?**

-Коргарони мо аз сармо наметарсанд, охир ҳамаи онҳо зодаи ҳамин сарзаминанд. Қисми зиёди онҳо ҷавононанд, ки душвориҳои муҳоҷирати меҳнатиро дар Россия аз сар гузаронда, нозукиҳои касбро дар ҳамон ҷо омӯхтаанд.

Агар ҳарорати ҳаво мӯътадил бошад, то хунукии 5 дараҷа бетонро бе гармкунӣ тайёр кардан мумкин аст. Дар сурати хунукшавии ҳаво мо обро дар бочкаҳо гарм карда, бо истифодаи иловаҳои химиявӣ бетон тайёр мекунем. Барои гармкунии об ба миқдори кифоя балонҳои аз истифодабаромадаи мошинҳоро захира намудаем.

Оре, азм агар комил бувад, ягон душворӣ садди роҳи амалӣ гардондани нияти нек шуда наметавонад. Бинокорони «Бунёд» азми қавӣ доранд, ки бинои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияро то моҳи июн бо сифати баланд ба истифода диҳанд. Он рӯз дур нест, ки ноҳияи Шуғнон баъд аз 80 сол соҳиби маркази маъмурии хеш гардад.

***Ш. ШОҲҚОСИМОВ,***
***«Садои мардум»***

## • Ҳамкориҳои минтақавӣ

# Сафир: Халқҳои ҳар ду кишвар равобити неки қадимӣ доранд

## Мусоҳиба бо Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Исломии Покистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Амҷад Ҳусайн Баракатулло Сиал

**- Ҷаноби Баракатулло Сиал, чун ба ҳайси дипломат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шурӯъ ба кор намудед, имкон пайдо шуд, ки бо мардуми он, урфу одатҳои миллӣ шинос шавед?**

- Муддати чор моҳи ин ҷо фаъолият доштанам ба хотири муштаракоте, ки дар фарҳанг ва урфу одати мо ба назар мерасанд ва меҳмоннавозии пуршукӯҳи халқи тоҷик ман Тоҷикистонро ба монанди хонаи худ дарёфтам. Тоҷикон хориҷиёнро хеле гарм истиқбол мегиранд ва бо итминони комил гуфтаниям, ки нисбати мардуми Покистон онҳо ҳурмату эҳтироми хоса доранд. Ба ман кошонаи тоҷикон бисёр ҳам писанд аст ва дар фасли зимистон аз хӯрдани қурутоб бо аҳли оилаам ҳаловат мебарем. Дар ин муддати кӯтоҳ ман аз ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон дидан кардам. Дар фасли тобистон зуд-зуд ба дараҳои Варзоб ва Ромит сафар менамудам ва инчунин аз шаҳрҳои Хуҷанд, Қӯрғонтеппа, Хоруғ, Кӯлоб, ноҳияҳои Ишкошим ва Данғара, Норак ва минтақаи Панҷи Поён дидан кардам. Мавзеъҳои зебоманзари Тоҷикистон бароям писанд омаданд ва сафарам ба Қайроққум ва Искандаркӯл хотироти фаромӯшнашаванда боқӣ гузошт. Дар сарзамини Тоҷикистон худро бегона намеҳисобам. Айни замон бо забони тоҷикӣ сухан кардан мушкилӣ мекашам, вале ҳар рӯз дарсҳои забони тоҷикӣ мегирам ва боварӣ дорам, ки пас аз чанде бо бародарони тоҷикам озод ҳарф хоҳам зад.

**- Доир ба сохти давлатдории Ҷумҳурии Исломии Покистон маълумот медодед?**

- Ҷумҳурии Исломии Покистон давлати соҳибихтиёр мебошад ва 14 августи соли 1947 таъсис ёфтааст. Давлати мо аз чор музофот, ҳудуди асосӣ, вилояти Гилгит-Балтистон, мавзеъҳои федералӣ ва таҳҷоӣ, бо дарбаргирии ҳудуди қабилавӣ иборат мебошад. Дар Покистон ҳокимияти иҷроия, ҳокимияти қонунгузор иборат аз ду палата, яъне Сенат ва Ассамблеяи миллӣ фаъолият доранд. Ҳокимияти судӣ аз Суди Олӣ, судҳои болоӣ ва поёнӣ иборат аст. Сохти давлатдории Ҷумҳурии Исломии Покистон парламентӣ мебошад ва ҳар як номзади парлумон ба муддати панҷ сол интихоб мешавад. Мо ҷомеаи шаҳрвандии хеле фаъол ва воситаҳои ахбори оммаи озод ва устувор дорем.

**- Моҳи сентябри соли гузашта мулоқоти сеюми сарони давлатҳои «Чоргонаи Душанбе» (Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Исломии Покистон, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон), аз ҷумла бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон Осиф Алӣ Зардорӣ доир гардид, ки дар он таваҷҷуҳи зиёд ба ҳамгироии чор давлат дар бахшҳои гуногун зоҳир шуд. Ҳамкориҳои афзалиятнок миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистонро чӣ гуна шарҳ медиҳед?**

- Форуми чорҷониба заминаи муҳими ҳамкорӣ миёни он чаҳор давлате, ки шумо зикр намудед, мебошад. Вале аз сабабе, ки саволатон маҳз муносибатҳои байни Покистон ва Тоҷикистонро мадди назар дорад, бояд зикр намоям, ки мақсад аз баргузории Форуми чорҷониба ин густариш додани муносибатҳои дуҷонибаи мост, на ҳамчун манбаи истифода бурдани ин сарзамин.

Муносибатҳои дуҷонибаи мо решаи чандинасра доранд ва доимо дӯстона ва бародарона таҷассум меёбанд. Ҳатто дар даврони Иттиҳоди Шӯравӣ Иқболро мутолиа менамуданд ва нисбати ӯ эҳтироми хоса доштанд. Соли 1976 Лоҳур ва Душанбе бародаршаҳр эълон карда шуданд. Файз Аҳмад Файз ва Ҳофиз Чоландхари дар доираи адабии Тоҷикистон шоирони шинохтаанд. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар Покистон як шахсияти хеле боэҳтиром маҳсуб мешавад. Мо таърихи муносибатҳои хуб дорем ва оянда ин муносибатҳоро маҳз дар асоси заминаҳои таърихӣ густариш хоҳем дод. Оид ба ҳамкориҳои афзалиятнок ҳаминро зикр карданӣ ҳастам, ки рисолати ман тақвият бахшидан ба муносибатҳои мавҷудаи сиёсии байни ду давлати мо мебошад, ки аллакай дар сатҳи олӣ қарор доранд. Ин ҳамкориҳо дар соҳаҳои тиҷорат, иқтисод, энергетика, маориф, фарҳанг, наклиёт, таъмини амният, мудофиа, бехатарӣ, қобилияти ақлонӣ, парлумон, фарҳанг назаррасанд.



**МУАРРИФӢ**

***Амҷад Ҳусайн Баракатулло Сиал 20 июни соли 1956 таваллуд ёфтааст. Унвони магистр дар соҳаи мудофиа ва машқҳои стратегии Донишгоҳи миллии мудофиаро дорад. Аз соли 1983 инҷониб дар Хадамоти дипломатии Покистон мебошад.***

***Вазифаҳои гуногуни дипломатиро дар хориҷа (Вена, Хараре, Ню-Йорк) иҷро намудааст. Ба ҳайси директор дар Котиботи Ассотсиатсияи Ҷанубу Осиёии Ҳамкории Минтақавӣ ( SAARC), Катманду (2003-2006), Сафир – Намояндаи алтернативии доимии миссияи Покистон дар Созмони Милали Муттаҳид (2009-2011) фаъолият кардааст. Оиладор.***

**- Дар мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон Осиф Алӣ Зардорӣ ба масъалаҳои ҳамкории миёни сохторҳои низомӣ ва ҳифзи ҳуқуқи ҳар ду кишвар ҷиҳати таҳкими муборизаи муштарак бо терроризму ҷинояткории муташаккили трансмиллӣ диққати ҷиддӣ дода шуд. Воқеан, ин аз ҷумлаи масоили муҳим аст, ки ҳамкорӣ ва кӯмаки муштараки давлатҳоро тақозо менамояд.**

- Покистон ва Тоҷикистон нисбат ба масъалаҳои минтақавӣ назар ва диди муштарак доранд. Мо ба ҳалли минтақавии проблемаҳо ва масъалаҳои минтақа боварӣ дорем. Дар тайёр намудани нақшаи геостратегии 2014, яъне баъди аз ҳудуди Афғонистон баромадани қувваҳои ҳарбии Амрико ва Созмони Атлантикаи Шимолӣ моро зарур аст, ки миёни сохторҳои амниятӣ ва мудофиа ҳамкориҳои худро пурзӯр намоем. Айни ҳол 57 нафар кормандони соҳаи мудофиаи Тоҷикистон дар Покистон аз курсҳои гуногун гузашта истодаанд. Ду нафар зани полис аз Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар конфронси байналмилалӣ иштирок карданд. Муносибатҳо байни мақомоти амният ва мудофиа дар ҳоли рушд қарор доранд. Роҳбарияти ҳар ду кишвар зарурати ҳаётан муҳими ин масъаларо дарк менамоянд ва ҷонибҳо дар ин ҷода кӯшиши зиёд ба харҷ хоҳанд дод.

**- Лоиҳаи ташкили системаи интиқоли нерӯи барқи «CASA-1000», ки ба он аҳамияти хоса дода мешавад, аз ҷониби Ҷумҳурии Исломии Покистон чӣ тавр дастгирӣ меёбад?**

- Покистон лоиҳаи «CASA-1000»-ро куллан дастгирӣ менамояд. Чанде пеш мо воҳӯрии аввали гурӯҳҳои кории давлатҳои иштирокчиро дар Душанбе баргузор намудем. Покистон ягона давлате буд, ки дар ҳайаташ эксперт оид ба масъалаҳои ҳуқуқиро низ дошт. Дигар давлатҳо дар оянда машваратчиёни ҳуқуқии худро бо мақсади баргузор намудани гуфтушунидҳо бо институтҳои байналмилалии молиявӣ хоҳанд дошт. Зимни ин воҳӯрӣ бисёр қарорҳои муҳим қабул карда шуданд. Пешниҳоди ҳайати покистонӣ ҷиҳати ҳар моҳ баргузории видеоконфронс ва ҳар се моҳ баъд барпо намудани воҳӯриҳои рӯ ба рӯ ҳамаҷониба дастгирӣ ёфт. Мо ҳамчунин нақшаи пешакиро қабул намудем, ки омили муҳиме дар амалӣ гаштани ин лоиҳа хоҳад шуд.

**- Халқҳои ҳар ду кишварро анъанаҳои нек, ки таърихи садсолаҳо доранд, бо ҳам мепайвандад. Феълан дар рушду такомули равобити илмию фарҳангӣ чӣ тадбирҳоро метавон амалӣ кард?**

- Оид ба соҳаи илму тадқиқот ҳаминро зикр карданиям, ки ду донишгоҳи Покистон барои ҳамкории ҳамаҷониба ва бахусус дар бахши барномаҳои мубодилаи донишҷӯён шартномаҳо ба имзо расониданд. Шахсан ман бо ноиби ректорони донишгоҳҳои Покистон ва масъулини Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо мақсади дар амал татбиқ намудани ин шартномаҳо воҳӯрдам. Сафорати Покистон моҳи майи соли 2009 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Маркази омӯзиши Покистонро таъсис дод. Мо бо Донишгоҳи миллии Тоҷикистон баҳри беҳтар намудани фаъолияти Маркази омӯзиши Покистон ва таъмин намудани он бо мавод, ки метавонад ба тадқиқотчиён, донишҷӯён барои корҳои пуршарафашон, яъне наздик сохтани доираҳои адабии мамлакатҳоямон кӯмак расонад, пайваста дар робита ҳастем. Ҳамчунин мо имсол барои чопи китоби дарсии забони урду кӯмак расонидем ва дар оянда чунин ҳамкориро идома хоҳем дод. Ба қарибӣ донишҷӯёни бахши муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон ба Сафорати Покистон ташриф оварданд ва бо банда хеле сӯҳбати судманд доштанд.

Оид ба ҳамкориҳои фарҳангӣ ҳаминро зикр карданиам, ки ман бо Сафорати Тоҷикистон дар Покистон бо бародари мӯҳтарам ҷаноби Сафир Зубайдулло Зубайдов дар робита ҳастам ва мо якҷоя баҳри мубодилаи судманди ҳайатҳои фарҳангии Покистон ва Тоҷикистон кӯшиш мекунем.

**- Ташаккур барои сӯҳбати самимӣ.**

***М. АЪЗАМ,***
***«Садои мардум»***

## • Вакилони халқ 1938-2010



# ДАЪВАТИ ПАНҶУМ 1959 - 1963

**(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**



**ГАЧЕЛИЛАДЗЕ**
**Дмитрий Захарович**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Сталин №219, шаҳри Исфара***

Соли 1913 дар шаҳри Тошкент таваллуд шудааст. Миллаташ гурҷӣ.

Дар вазифаҳои прораб, техники Раёсати геологии Ӯзбекистон, сардори Раёсати геологии Тоҷикистон, ҷонишини раиси Шӯрои вазирони ҶШС Тоҷикистон, раиси Шӯрои хоҷагии халқи ҶШС Тоҷикистон кор кардааст.

Бо орденҳои Байрақи Сурхи Меҳнат, «Нишони Фахрӣ», бо медалҳои «Барои меҳнати диловарона дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945», «Барои меҳнати диловарона», «Барои меҳнати шоён» мукофотонида шудааст.



**МАҲКАМОВ Қаҳҳор**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Шӯроб №220, шаҳри Исфара***

Соли 1932 дар шаҳри Ленинобод таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик.

Пас аз хатми Институти кӯҳии Ленинград сардори шахтаи №1/5, ёрдамчии муҳандиси калон, баъдан муҳандиси калон ва сардори Раёсати «Тоҷикугол»-и шаҳри Шӯроб шуда кор кардааст.

Бо медали «Барои меҳнати шоён» мукофотонида шудааст.



**ОЛИМОВА Қумрӣ**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Ворух №221, шаҳри Исфара***

Соли 1933 дар деҳаи Ворухи ноҳияи Исфара таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1945 оғоз намуда, ҳамчун узви колхози «Правда»-и ноҳияи Исфара кор кардааст.



**МАЗОИТОВ Раҳим**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Чоркӯҳ №222, шаҳри Исфара***

Соли 1914 дар ноҳияи Конибодом таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик.

Дар вазифаҳои усто, директор, мудири шӯъбаи Кумитаи ҳизби коммунисти вилояти Ленинобод, директори кони нефти «КИМ»-и ноҳияи Исфара кор кардааст.

Бо орденҳои Ситораи Сурх, Ҷанги Ватании дараҷаи I, «Нишони Фахрӣ», бо медали «Барои ғалаба бар Германия дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.



**ЗОКИРОВ Собит**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Шаҳрак №223, шаҳри Исфара***

Соли 1927 дар деҳаи Шаҳраки ноҳияи Исфара таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1943 оғоз намуда, ҳамчун тракторчӣ ва механики бригадавии колхози ба номи Ленини ноҳияи Исфара кор кардааст.



**ҲАСАНОВ Абдулазиз**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Навоӣ №224, шаҳри Исфара***

Соли 1923 дар ноҳияи Исфара таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик.

Дар вазифаҳои мудири шӯъбаи Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Исфара, инструктори шӯъбаи КМ ҲК Тоҷикистон, раиси кумитаи иҷроияи Шӯрои вакилони меҳнаткашон, котиби якуми Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Исфара кор кардааст.

Бо ордени Байрақи Сурхи Меҳнат, медалҳои «Барои меҳнати шуҷоатнок», «Барои меҳнати шоён», «Барои ғалаба бар Германия дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.



**ШАРИФОВ Воҳид**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Кӯлканд №225, шаҳри Исфара***

Соли 1922 дар деҳаи Қистакӯзи ноҳияи Ленинобод таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик.

Дар вазифаҳои муаллим, методисти шӯъба, ҷонишини мудири шӯъба, дар ташкилотҳои ҳизби коммунист, комсомолӣ, иттифоқҳои касабавӣ, Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Чкалов, мудири шӯъбаи КМ ҲК Тоҷикистон кор кардааст.

Бо орденҳои Байрақи Сурхи Меҳнат, «Нишони Фахрӣ», медалҳои «Барои хизматҳои ҷангӣ», «Барои мудофиаи Сталинград», «Барои озод намудани Варшава», «Барои гирифтани Берлин», «Барои ғалаба бар Германия дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» ва Ифтихорномаи Раёсати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон мукофотонида шудааст.



**РАҲИМОВА Муҳаррамбону**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Навгилем №226, шаҳри Исфара***

Соли 1923 дар деҳаи Навгилеми ноҳияи Исфара таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1940 оғоз намуда, ҳамчун сардори бригадаи пахтакории колхози ба номи Сталини ноҳияи Исфара кор кардааст.



**БОЗОРОВ Мирзоқул**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Нефтобод №227,шаҳри Исфара***

Соли 1907 дар деҳаи Қизилпилоли ноҳияи Исфара таваллуд шудааст. Миллаташ ӯзбек.

Фаъолияти меҳнатиашро аз корҳои деҳқонӣ оғоз намуда, соли 1929 ҳамчун раиси колхоз дар ноҳияи Исфара, раиси колхози «Болшевик»-и ноҳияи Куйбишев ва раиси колхози ба номи Свердлови ноҳияи Исфара буд.

Бо ордени Байрақи Сурхи Меҳнат ва медали «Барои меҳнати диловарона дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.

**(Давомаш дар шумораҳои оянда)**

**Ба диққати хонандагони рӯзнома!**
**Хоҳишмандон метавонанд китоби «Вакилони халқ 1938-2010»-ро аз Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас намоянд. Телефонҳо барои тамос: 221-35-53, 221-96-78**

# Аз нишастҳои матбуотӣ

## Нақшаҳо иҷро шуданд

-Нимаҳои моҳи майи соли 2012-ум 90-солагии таъсисёбии Ҷамъияти матлуботи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мамлакат ҷашн гирифта мешавад, - ифтихормандона оғоз намуд нишасти матбуотиро раиси Раёсати Иттифоқи «Тоҷикматлубот» Сироҷиддин Валиев.

Аз рафти нишаст маълум гардид, ки нишондиҳандаҳои асосии банақшагирифтаи соҳа дар соли 2011 барзиёд иҷро гардиданд.

Пардохти ҳамаи андози соҳа ба буҷети кишвар 26,8 млн.сомониро ташкил намуд, ки назар ба ҳамин давраи соли гузашта 4,1 млн.сомонӣ зиёд мебошад. Фоидаи бадастомада ба 14,8 млн. сомонӣ баробар шуд.

Ҳаҷми умумии муомилоти чаканаи мол ба 131,2 млн. сомонӣ, аз ҷумла муомилоти моли муассисаҳои хӯроки умумӣ ба 28,3 млн. сомонӣ расонида шуд, ки назар ба ҳамин давраи соли гузашта мутаносибан 10,7 ва 4,2 млн.сомонӣ зиёд мебошад.

Корхонаҳои истеҳсолии соҳа дар ин давра ба маблағи 21,3 млн.сомонӣ молу маҳсулот истеҳсол карданд, ки аз ҳамин давраи соли 2010-ум 3,5 млн.сомонӣ зиёд мебошад. Дар бозорҳои соҳа ба маблағи 3,8 млн.сомонӣ хизмати пулакӣ расонида шуд ва ҳаҷми маблағи пардохти яквақта 11 млн.сомониро ташкил дод.

Бо хоҷагиҳои деҳқонию фермерӣ ва дигар истеҳсолкунандагон барои харид ва захираи маҳсулоти кишоварзӣ 726 шартномаи тарафайн баста шудааст, ки ҳаҷми онҳо дар маҷмӯъ 37416 тоннаро ташкил медиҳад.

Ба ҳамин монанд пешравиҳо дар соҳа зиёданд, аммо муҳим он аст, ки роҳбарону мутахассисони соҳа дар ҷустуҷӯйи роҳҳои наву муфид мебошанд.

*Мирзо НУРАЛИЕВ, «Садои мардум»*

## Мутахассисони дорои фарҳанги исломӣ омода мешаванд

-Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам Абӯҳанифа дар кишвар ягона муассисаи олии таълимии исломӣ буда, дар байни дигар макотиби олии мамлакат тадриҷан нуфузу эътибор пайдо мекунад,- зикр кард ректори донишкада Умаралӣ Назаров дар оғози нишасти матбуотӣ ва сипас доир ба фаъолияти аҳли донишкада дар соли 2011 ба хабарнигорон муфассал иттилоъ дод. Маълум гардид, ки дар донишкада раванди таълимро дар сатҳи зарурӣ ташкил карда, барои боз ҳам баланд гаштани савияи дониши муҳассилин ва беҳтар шудани дараҷаи дарсазхудкунии онҳо чораҳои муассир андешида шудааст.

Махзани китобхонаи донишкада мунтазам ғанӣ мегардад. Имрӯз теъдоди адабиёти илмӣ, таърихӣ, таълимӣ ва бадеии китобхона ба беш аз 6000 адад расидааст. Ҳамзамон 10 000 китоб ба шакли феҳристи электронӣ мавриди истифодаи донишҷӯён қарор дода шудааст.

Дар бахши тарбия низ кори муайян ба ҷо оварда мешавад. Дар баробари баргузории чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ-фароғатӣ ва варзишӣ дар донишкада маҳфилҳои доимоамалкунандаи «Анвори дониш», «Нури ҳидоят», «Маҳфили суханварӣ» ва ғайра фаъолият мекунанд.

Рушду равнақи корҳои илмӣ ва ҳар чӣ бештар ба тадқиқотҳои арзишманд ҷалб намудани олимону мутахассисон яке аз самтҳои муҳими фаъолияти донишкада мебошад. Дар соли ҷашнгирии 20-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон дар бахши фаъолияти илмӣ ва табъу нашр кори зиёд ба анҷом расонида шуд.

Барои ба таҳсили динӣ фаро гирифтани наврасон дар назди донишкада гимназия фаъолият мекунад, ки алҳол 840 нафар дар он таҳсил мекунанд. Ҳашт нафар дастпарварони гимназия чанде пеш дар олимпиадаи ноҳиявӣ иштирок карда, аз фанҳои гуногун сазовори ҷойҳои ифтихорӣ гардиданд. Як нафар муҳассил гирандаи идрорпулии раиси ноҳияи Исмоили Сомонии пойтахт мебошад. Ҳамчунин ректори донишкада У. Назаров ба саволҳои хабарнигорон ҷавобҳои мушаххас ва қаноатбахш дод.

*Б. КАРИМОВ, «Садои мардум»*

## Болоравии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот назаррас аст

- Фаъолияти соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳияи Варзоб дар соли гузашта бобарор буд. Ҳаҷми Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ 49 миллиону 637,8 ҳазор сомониро ташкил дод, ки назар ба соли 2010-ум 11 миллиону 687,6 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Буҷети ноҳия аз рӯйи сарчашмаҳои дохилӣ, бо назардошти андози иҷтимоӣ, 7 миллиону 100 ҳазору 143 сомониро нишон дод, ки 108 фоизи нақшаро дар бар мегирад, - иброз дошт зимни нишасти матбуотӣ раиси ноҳияи Варзоб Акбар Ятимов.

Дар ноҳия тамоили болоравии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар ҳама сектори хоҷагидорӣ нисбати соли 2010-ум назаррас аст. Мувофиқи ҳисоботи оморӣ, соли 2011 дар ноҳия 300 тонна мевагӣ, 459 тонна ангур, 104 тонна сабзавот, 639 тонна гӯшт, 5424 тонна шир ва 21,5 тонна пашм истеҳсол шуд. Корхонаҳои саноатии ноҳия дар ин давра ба маблағи 5 миллиону 477,8 ҳазор сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд.

Раиси ноҳия дар рафти нишаст оид ба фаъолияти натиҷабахши ҷамъияти матлубот, шабакаи барқӣ, муассисаи бисёрсоҳавии манзилию хоҷагии коммуналӣ, шӯъбаи корҳои дохилӣ, комиссариати ҳарбӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, бахши Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, шӯъбаи кор бо занон ва оила, муассисаҳои тандурустиву маориф, шӯъбаи фарҳанг ва бахши ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ ибрози назар намуд.

Дар хотимаи нишаст раиси ноҳия ва муовинони ӯ ба суолҳои зиёди рӯзноманигорон посух гуфтанд.

*Муҳаммад ЗОКИР, «Садои мардум»*

## «Рушди деҳот» баҳои баланд гирифт

Аз 14 сентябри соли 2007 инҷониб дар кишвари мо лоиҳаи «Рушди деҳот» татбиқ мешавад. Мақсади лоиҳа баланд бардоштани даромади кишоварзӣ ва ғайрикишоварзии аҳолии деҳот, афзун намудани маҳсулнокии хоҷагиҳои деҳқонӣ ва корхонаҳои кишоварзии минтақаҳои пилотӣ дар доираи сохтори устувори идоракунӣ ва муҳити зист, кӯмак ва дастгирии хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ ва кооперативӣ, аҳолӣ ва соҳибкорони хусусии деҳот мебошад. Тадбирҳо дар доираи татбиқи лоиҳа моҳи марти соли 2014 анҷом меёбад. Ҳаҷми маблағи умумии лоиҳа 23,3 миллион долларро ташкил мекунад.

Тавре зимни нишасти матбуотӣ директори Муассисаи давлатии маркази идоракунии лоиҳаи «Рушди деҳот» Усмон Сабзов иброз намуд:

-Соли 2011 фаъолияти истеҳсолию молиявии лоиҳа хуб гардида, дар ин замина натиҷа ва пешравиҳои назаррас ба даст омад. Ҳаҷми маблағҳои азхудшуда дар ин сол 7 миллиону 18 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил дод, ки ба 109 фоизи иҷрои нақша баробар аст. Ба 100 фоизи грантҳо қарордодҳо ба имзо расонида шуд ва дар ин самтҳо фаъолияти истеҳсолӣ самаранок идома дорад. Сарфи назар аз он, ки қисми зиёди маблағгузориҳо дар самти барқарорсозии инфраструктураи маҳал мутобиқи талаботҳои созишномаи ба имзорасидаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Осиёии Рушд (БОР) ба соли панҷуми татбиқ рост меоянд, аллакай қисми зиёди кор иҷро шудааст. Як нуктаро зикр кардан бамаврид аст, ки дар самти барқарорсозии инфраструктура ба ҷойи 50-60 зерлоиҳаи нақшавӣ, зиёда аз 135 зерлоиҳа пешниҳод гардид, ки онҳо мавриди омӯзиш қарор гирифта, лоиҳаҳои беҳтарин ва афзалиятнок барои мувофиқа ба БОР ирсол шуданд. Аз ҷумла 36 зерлоиҳа аз ноҳияи Рӯдакӣ, 9 зерлоиҳа аз ноҳияи Варзоб, 30 зерлоиҳа аз шаҳри Ваҳдат, 10 зерлоиҳа аз шаҳри Роғун ва 40 зерлоиҳа аз ноҳияи Файзобод омода гардиданд.

Боиси зикр аст, ки Миссияи миёнамӯҳлати Бонки Осиёии Рушд, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аудиторони байналмилалӣ ҳолати татбиқи лоиҳаро хуб баҳогузорӣ намуданд.

*К. БУРҲОНИДДИН, «Садои мардум»*

## Доираи фаъолият васеъ ва сифати хизматрасонӣ беҳтар мешавад

Аз рафти нишасти матбуотӣ дар ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» маълум гардид, ки роҳбарияти он дар соли 2011 ба роҳҳои сабук гардонидани таъсири ногувори бӯҳрони ҷаҳонии молиявӣ – иқтисодӣ ва андешидани чораҳои зарурӣ ва саривақтии зиддибӯҳронӣ оид ба дастгирии рушди устувори иҷтимоӣ – иқтисодии корхона диққати хоса дод. Натиҷаҳои иҷрои барномаи истеҳсолӣ бо пешрафти нишондиҳандаҳои асосии баланд бардоштани сифат ва самаранокии кор тавсиф меёбад. Маблағи умумии дар соли 2011 ба ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидаи фурудгоҳ 43,1 миллион сомониро ташкил дод.

Парвозҳо дар фурудгоҳ аз ҷониби 24 ширкати ҳавопаймоӣ, аз ҷумла се ширкати маҳаллии ҳавопаймоии Тоҷикистон – КВД «Тоҷик Эйр», «Сомон Эйр» ва «Ист Эйр» ба амал бароварда мешаванд. Фурудгоҳ дар соли 2011 ба 588767 мусофири парвозкарда ва 537842 мусофири омада хизмат расонид. Миқдори умумии бор ва почтаи дар соли 2011 қабулкарда ва интиқолдода беш аз 2 ҳазор тоннаро ташкил дод.

Дар мавриди низоми парвози ҳавопаймоҳо аз фурудгоҳ, ки хабарнигорон низ ба он таваҷҷӯҳ зоҳир карданд, директори генералии ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» Рустам Холиқов зикр намуд, ки ин ба омилҳои вазъи обу ҳаво, дер омадани ҳавопаймоҳо, ба ҷойҳои холӣ гирифтани мусофирон, тағйир ёфтани вақти парвоз, иваз кардани навъи ҳавопаймоҳо, аз назар гузаронидани мусофирон ва бағоҷ ба манфиати амнияти парвоз ва ғайра вобаста буда, ба ин сабаб баъзан дар парвоз таъхир ба амал меояд. Теъдоди чунин таъхир карданҳо дар соли 2011 – ум 882 – то буд.

Қисмати бештари нишасти матбуотӣ ба таври суолу ҷавоб сурат гирифт. Дар ин миён ҳамкории намояндагони воситаҳои ахбори омма бо ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе», махсусан Маркази матбуотии он, хуб арзёбӣ гардид.

*Б. ИСМАТУЛЛОҲ, «Садои мардум»*

## Иншоот тибқи таъинот истифода намешавад

- Ба ҳолати якуми январи соли равон ҷамъи лоиҳаҳои сармоягузории амалкунандаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 58 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ иборат буда, маблағи умумиашон 8,86 миллиард сомониро ташкил медиҳад, - гуфт зимни нишасти матбуотӣ муовини аввали раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. Раҳматбоев. – Лоиҳаҳои амалишаванда аз бист манбаъ маблағгузорӣ шуда, дувоздаҳ соҳаи гуногуни иқтисодиёти кишварро дар бар мегирад. Дар таркиби лоиҳаҳо маблағҳои қарзӣ - 57,34 фоиз, маблағҳои бебозгашт, яъне грантӣ – 32,68 фоиз, саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – 7,85 фоиз, ҳиссаи ширкатҳои давлатӣ ва ҷамоаҳо 2,13 фоиз аст.

Давоми соли гузашта ҷиҳати татбиқи 18 лоиҳаи нави сармоягузорӣ бо созмонҳои байналмилалии молиявӣ созишномаҳо ба имзо расид. Бахри амалӣ намудани лоиҳаҳо 1,6 миллиард сомонӣ ҷалб шудааст, ки аз он 1,3 миллиард сомонӣ қарзҳои бебозгаштро дар бар мегирад.

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти кумита истифодаи самараноки амволи давлатӣ ба шумор меравад. Зимни нишаст зикр шуд, ки соли 2011 аз ҳисоби хусусигардонӣ ва истифодаи моликияти давлатӣ тақрибан 37 миллион сомонӣ ба буҷети ҷумҳурӣ ворид гардид ва ин аз нақша 2,6 миллион сомонӣ зиёд аст.

Ҳангоми суолу ҷавоб рӯзноманигорон аз он изҳори нигаронӣ намуданд, ки як қатор иншооти хусусигардонидашуда аз рӯйи таъинот истифода намешавад. Аз ҷумла иншооти соҳаи коммуналӣ – ҳаммомҳо дар пойтахт. Аксар ҳаммомҳоро хусусӣ гардонида, ба тарабхона табдил додаанд ё ба дигар мақсад истифода мебаранд. Албатта, имрӯз ҳам дар пойтахт ва дигар манотиқи кишвар ҳаммомҳо фаъолият доранд. Аксар дар шакли саунаҳо, ки нарх хеле гарон буда, ҳама аз он имкони истифода бурдан надорад. Намояндагони кумитаи мазкур ба ин суоли рӯзноманигорон посух гуфта, изҳор намуданд, ки дар ин ҷода камбудиҳо ҷой дорад ва, албатта, ислоҳи худро меёбанд.

*Т. ДАВЛАТ, «Садои мардум»*

## Муҳоҷирати меҳнатӣ ба низом даровардa мешавад

-Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Белорусро ба имзо расонд. Инчунин Созишномаи байниидоравии КВД «Тоҷикхориҷакор»-и Хадамоти муҳоҷират ва «Ширкати назоратии фаврии тиҷорати умумӣ»-и давлати Кувейт ва Меморандуми ҳамкорӣ байни Хадамоти муҳоҷират ва Хадамоти Федералии муҳоҷирати Федератсияи Россия қабул гардид,- гуфт дар нишасти матбуотӣ сардори Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафиало Девонаев.

21-22 октябри соли 2011 нахустин маротиба дар шаҳри Душанбе ҷаласаи Шӯрои роҳбарони мақомоти муҳоҷирати давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил баргузор гардид. Бо мақсади ҳалли мушкилоти муҳоҷирони меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия як қатор воҳӯриҳо бо роҳбарони созмонҳои ҷамъиятии тоҷикистониён ва ҳамчунин мулоқотҳои корӣ бо роҳбарони Хадамоти Федералии муҳоҷирати Федератсияи Россия, Сарраёсат ва раёсатҳои Вазорати корҳои дохилии Федератсияи Россия, шаҳр ва вилояти Москва, шаҳри Санкт-Петербург ва вилояти Ленинград доир гардид.

Давоми соли 2011 аз қаламрави ҷумҳурӣ ба хориҷи кишвар 750391 нафар муҳоҷири меҳнатӣ сафар намуданд. Дар ин давра ба ҷумҳурӣ аз хориҷи кишвар 597511 нафар муҳоҷирони меҳнатӣ баргаштанд.

Хадамоти муҳоҷират дар соли 2011-ум ба 4069 нафар шаҳрванди хориҷӣ барои фаъолияти меҳнатӣ иҷозат додааст. Нисбат ба 274 муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ протоколи маъмурӣ тартиб дода, 128 нафари онҳо бо сабаби вайрон кардани қоидаҳои будубоши шаҳрвандони хориҷӣ бо қарори суд аз қаламрави Тоҷикистон берун карда шуданд.

*М. АЪЗАМ, «Садои мардум»*

## Афзоиши пасандозҳо – дастоварди арзанда

Малоҳат Холиқзода - муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон зимни нишасти матбуотӣ доир ба дастовардҳои низоми бонкии кишвар дар соли сипаригашта маълумот дода, минҷумла зикр кард, ки таҳлили вазъи макроиқтисодӣ ва фаъолияти низоми бонкии ватанӣ нишон дод, ки тӯли соли 2011 авзои номӯътадили сатҳи нархҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ ва ноустувории нишондиҳандаҳои молиявӣ боиси афзудани фишорҳои таваррумӣ дар кишвар гардида, то андозае ба раванди рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ таъсир расонид. Сарфи назар аз ин, рушди мӯътадили нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва низоми бонкии кишвар таъмин гардид.

Соли 2011 меъёри таваррум 9,3 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба соли гузашта 0,5 банди фоизӣ кам мебошад. Нишондиҳандаи мазкур асосан аз ҳисоби болоравии нархи маҳсулоти хӯрокӣ - 10,3 фоиз, маҳсулоти ғайрихӯрокӣ - 7,2 фоиз ва хизматрасониҳо - 9,2 фоиз ба вуқӯъ пайвастааст.

Ин раванд пеш аз ҳама дар натиҷаи баланд шудани нархи маҳсулоти воридотӣ, аз қабили маводи сӯзишворӣ, гандум, орд, равғани растанӣ ва инчунин арзиши маҳсулоти дорои хусусияти мавсимӣ ба амал омад. Ин дар навбати худ боиси афзудани хароҷоти истеҳсолӣ шуда, сабабгори боло рафтани нархи молу маҳсулоти алоҳида, мисли гӯшт ва хизматрасонии нақлиёти мусофирбар, гардид.

Соли 2011 афзоиши пасандозҳо нисбат ба соли гузашта 21 фоизро ташкил дода, ба 3,9 млрд. сомонӣ баробар шуд. Боиси хушнудист, ки пасандозҳои шахсони воқеӣ дар ин давра 41,9 фоиз зиёд гардида, 2,2 млрд. сомониро ташкил дод. Фоизи миёнавазни пасандозҳои мӯҳлатдор бо пули миллӣ ба 15,67 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 14,75 фоиз баробар шуд.

*Далер МЕРГАНОВ, «Садои мардум»*

## Қисми даромади буҷетро дар Шаҳринав барзиёд таъмин намуданд

- Натиҷаҳои фаъолияти соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳияи Шаҳринав дар соли сипаришуда қаноатбахш буд. Ин имкон дод, ки қисми даромади буҷети ноҳия аз рӯйи ҳама намуди андоз таъмин гардида, иҷрои он 129 фоизро ташкил намуд. Ба буҷети ноҳия 2 млн. 337 ҳазор сомонӣ маблағи иловагӣ ворид гардида, аз ин ҳисоб 397,2 ҳазор сомонӣ ба фонди стабилизатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда, маблағи боқимондаи 1 млн. 940 ҳазор сомонӣ ба рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳия равона мешавад, - иброз дошт муовини аввали раиси ноҳияи Шаҳринав Исрофил Қурбонов.

Аз маълумоти пешниҳоднамудаи мавсуф ҳамчунин аён гардид, ки дар қисмати бештари корхонаҳои саноатии қаламрави ноҳия соли гузашта натиҷаҳои кор беҳтар гардидааст. Ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ низ афзуда, ба маблағи 131 млн. 888 ҳазор сомонӣ маҳсулот истеҳсол шудааст. Ҳосилнокии ғалладона, пахта, картошка, сабзавот, полезиҳо, мева, ангур дар муқоиса ба як сол пеш хеле зиёд шуда, аз муносибати дилсӯзона ва ҷиддии деҳқонон нисбат ба замин шаҳодат медиҳад. Масоҳати боғу токзори нав 182,4 гектарро ташкил дод. Истеҳсоли бештари асал, гӯшт, шир, пашм ва пилла низ ба даст омад.

Исрофил Қурбонов дар қисмати саволу ҷавоби нишаст вобаста ба масъалаҳои мубрам, аз ҷумла сабабҳои ба таъхир афтодани шудгори тирамоҳӣ, кишти тирамоҳии зироат, захираи маводи сӯхт аз ҷониби ҷамъияти матлуботи ноҳия, роҳҳои беҳтар намудани фаъолияти Корхонаи паррандапарварии Чиптӯра ва монанд ба инҳо шарҳ дода, афзуд, ки мушкилоти баамаломада бо кӯшиши якҷоя рафъ ва иҷрои бемайлони «Барномаи тараққиёти иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Шаҳринав то соли 2015» таъмин мегардад.

*А. МУРОДОВ, «Садои мардум»*

## Истифодаи ғайримақсадноки замин пешгирӣ мешавад

- Дар соли 2011 аз ҷониби марҳилаҳои судии Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон 427 парванда ва 226 арзу шикоят баррасӣ карда шудааст. Дар Раёсати Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 парванда баррасӣ шудааст, ки нисбат ба соли гузашта 21 парванда зиёд мебошад.

Маблағи даъвоҳои аз ҷониби Суди Олии иқтисодӣ қаноат карда шуда 173 744 710 сомонӣ, 2 003 304 доллари ИМА ва 20 406 719 рубли Федератсияи Россияро ташкил медиҳад, - гуфт дар нишасти матбуотӣ раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон Амирхоҷа Ғоибназаров.

Парвандаҳо оид ба дараҷаҳои рӯёнидани маблағи қарз 34 адад мебошанд, ки аризаҳои даъвоӣ ба маблағи умумии 11 206 554 сомонӣ, 2 001 690 доллари ИМА ва 20 406 719 рубли Федератсияи Россия қаноат карда шудааст.

Дар бораи беэътибор донистани санадҳои ғайримеъёрии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти дигар 27 парванда баррасӣ шуда, нисбати 18 парванда, бинобар сабаби ба талаботи қонунгузорӣ мувофиқат накардани санадҳои ғайримеъёрии ҳуқуқӣ, беэътибор дониста шудаанд. Инчунин дар соли 2011 Суди Олии иқтисодӣ 8 парвандаро вобаста ба истифода бурдани қитъаи замин баррасӣ намуда, дар 5 ҳолат, бинобар сабаби аз ҷониби хоҷагиҳои деҳқонӣ мӯҳлати дароз истифода набурдан ё ғайри таъиноти мақсаднок истифода бурдан, ҳуқуқи истифодабарӣ ва ихтиёрдории онҳо ба қитъаи замин қатъ карда шудааст.

Дар давоми сол ба Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон 226 адад арзу шикоят ба тариқи назоратӣ ворид гардид, ки аз ин миқдор 30 адад бо таъинот дар бораи супоридани парванда ба Раёсати Суди Олии иқтисодӣ супорида шуд.

*А. МӮСОЕВ, «Садои мардум»*

## Нақши сазовор дар раванди таълиму тарбия

-Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон дар раванди таълиму тарбия, тайёр намудани мутахассисони ба талабот ва меъёрҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ нақши сазовор дорад. Соли сипаригашта барои донишкада соли бобаракат ва хотирмон буд, зеро дар баробари иди пуршукӯҳи 20-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, инчунин 15-солагии таъсисёбии Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистонро таҷлил намудем. Як қатор кормандони донишкада дар ин соли фархунда бо мукофотҳои давлатӣ ва соҳавӣ қадрдонӣ гардиданд, ки натиҷаи фаъолияти самараноки онҳо мебошад, - зикр намуд дар оғози нишасти матбуотӣ ректори донишкада Нозимҷон Нидоев.

Ҷиҳати баландбардории тахассуси касбии омӯзгорон, мукаммалкунии донишҳои илмӣ-назариявии онҳо дар асоси дастовардҳои илм, техника ва технологияи муосири таълим дар назди шӯъбаи таъмини стандарти давлатии таҳсилот курсҳои кӯтоҳмуддати такмили ихтисоси устодон фаъолият доранд. Инчунин бо мақсади омӯхтани забонҳои хориҷӣ дар назди кафедраи «Забонҳо» ташкили курсҳои кӯтоҳмуддати забономӯзӣ ба нақша гирифта шудааст.

Дар ин давра устодони донишкада 17 монографияи илмӣ, 8 китоби дарсӣ, 11 дастури методӣ, 13 воситаҳои таълимӣ, 170 барномаи таълимӣ ва теъдоди калони мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои бонуфузи ватанӣ ва хориҷӣ ба чоп расониданд.

Дар самти ҷалби самараноки донишҷӯён ба азбаркунии фанҳои таълимӣ, китобу китобхонӣ, манфиатнок гузаронидани вақти холии ҷавонон низ дар донишкада кори зиёди назаррас анҷом дода мешавад.

*Б.КАРИМЗОДА, «Садои мардум»*

## Бозор зери таҳлил ва омӯзиш қарор дорад

- Метавон гуфт, ки Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2011 бо мақсади пешбурди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати зиддиинҳисорӣ, танзими фаъолияти монополияҳои табиӣ, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва назорати фаъолияти рекламавӣ корҳои муайянеро ба сомон расонд, - зимни нишасти матбуотӣ изҳори назар кард сардори Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳ.Тағоймуродов. – Хадамот тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол» фаъолияти субъектҳои хоҷагидоре, ки дар бозори моли муайян мавқеи ҳукмфармоиро ишғол менамоянд, таҳти назорат ва мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дод.

Ба масъалаи болоравии нархи маводи озуқаворӣ дахл намуда, Ҳ. Тағоймуродов зикр кард, ки ин бозори молӣ пайваста зери таҳлил ва омӯзиш қарор дорад. Натиҷаи омӯзиш нишон медиҳад, ки омилҳои асосии боло рафтани нархи маҳсулоти аввалиндараҷаи истеъмолии воридотӣ, аз қабили орд, шакар, равған, гӯшт, тухм, шир ва маҳсулоти ширӣ саравввал ба вуҷуд доштани тафовут байни мувозинаи «талабот» ва «пешниҳод», нокифоя будани дараҷаи қаноатмандии аҳолӣ бо ин намуди маҳсулот, афзоиши нарх дар кишварҳои истеҳсолкунанда, номунтазамии таҳвил, болоравии нархи ҳамлу нақл вобастагӣ дорад. Мутаассифона, нархи маҳсулоти кишоварзӣ, аз қабили меваҷоту сабзавот ва зироатҳои полезӣ, ки асосан дар дохили кишвар истеҳсол мегардад, низ тамоюли афзоиш дорад.

*Т. САФАРОВ, «Садои мардум»*

## Таҳсили фосилавӣ тариқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ

- Дар раванди ҳамкорӣ бо таълимгоҳҳои дигари ҷаҳон Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар доираи факултети муштараки тоҷикӣ-украинӣ барномаи зинавии ихтисосҳои гуногунро бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Украина- Донишгоҳи давлатии техникии шаҳри Тернопол ба номи Иван Пулюя, Донишгоҳи миллии сохтмон ва меъмории шаҳри Киев ва Донишгоҳи миллии технология ва дизайни шаҳри Киев дар амал ҷорӣ намудааст. Бо фармони вазири маориф, илм, ҷавонон ва сайёҳии Ҷумҳурии Украина аз моҳи августи соли 2011 дар назди факултети муштараки тоҷикӣ- украинии донишгоҳ фаъолият намудани Маркази таҳсилоти фосилавӣ иҷозат дода шуд. Акнун донишҷӯёни факултет имкон пайдо намуданд, ки дар баробари таҳсил дар Тоҷикистон тариқи фосилавӣ тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Донишгоҳи давлатии техникии Тернопол бе сафар намудан ба Украина таҳсил намоянд ва баъди хатми донишгоҳ соҳиби ду диплом гарданд, - гуфт зимни нишасти матбуотӣ ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Нуралӣ Шоев.

Вай ҳамчунин иброз намуд, ки дар ин давра мо як қатор озмуну конфронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ доир намудем. Теъдоди зиёди донишҷӯёни боистеъдод ва эҷодкор дар он иштирок намуда, ғолиби озмун шуданд. Тайи соли 2011 аз ҷониби толибилмон зиёда аз 300 номгӯйи лоиҳаҳои инноватсионӣ таҳия ва муаррифӣ карда шуд.

Мавсуф ҳамчунин зикр намуд, ки дар асоси шартномаҳои ҳамкории аз ҷониби тарафҳо ба имзорасида ва истифода аз имкониятҳои факултети муштараки тоҷикӣ- россиягӣ, ки дар филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Кӯлоб амал мекунад, аз ҳисоби маблағҳои буҷети донишгоҳҳои Федератсияи Россия имконияти барои Тоҷикистон тайёр намудани мутахассисони болаёқат фароҳам омадааст. Аз ҷумла ҳоло дар муассисаҳои таълимии Федератсияи Россия 510 нафар донишҷӯён аз рӯйи ихтисосҳои техникӣ дар шаҳрҳои Иваново, Кострома, Ярославл ва Воронеж таҳсили худро идома дода истодаанд. Дар соли сипаригардида дар донишгоҳ Парки инноватсионӣ- технологии «Фановар» таъсис дода шуд.

*Фирӯза ҲАБИБУЛЛОЕВА, «Садои мардум»*

## Сармоягузорӣ афзудааст

- Соле, ки гузашт, истеҳсоли Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ 30,1 миллиард сомониро ташкил дод, - гуфт зимни нишасти матбуотӣ раиси Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Б.Муҳаммадиева.- Аз ҷумла маҳсулоти саноатӣ ба маблағи 7 миллиарду 583,2 миллион сомонӣ истеҳсол гардид. Ин нишондиҳанда нисбати як сол пештар 5,9 фоиз зиёд аст. Дар ин давра ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ 14 миллиарду 853,3 миллион сомониро ташкил дод. Дар соҳаи кишоварзӣ низ нишондиҳандаҳо афзуда, 7,9 фоизро ташкил додааст. Воридоти андозҳо 68,8 фоизи ҳаҷми умумии даромадҳоро ташкил медиҳад.

Сармоягузорӣ дар соли 2011 аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳо 4 миллиарду 840,7 миллион сомониро дар бар гирифт. Махсусан сармоягузорӣ дар соҳаи энергетика бештар буда, 28,4 фоизи ҳаҷми умумии маблағгузориҳои аз худ кардашударо ташкил медиҳад.

Аз аввали соли 2011 нархи хизмати пулакие, ки ба аҳолӣ расонда мешавад, дар маҷмӯъ 9,2 фоиз қимат шудааст. Ҳамчунин нархи як қатор молҳои озуқаворӣ, аз қабили гӯшт, равған, шир, тухм ва баъзе намуди меваю сабзавот ҳам афзудааст.

Музди миёна дар миқёси ҷумҳурӣ 442 сомониро ташкил дод. Шумораи нафақахӯрон, бе назардошти нафақахӯрони корманд, то оғози соли равон 554,5 ҳазор нафарро дар бар мегирад.

Муддати моҳҳои январ – июни соли гузашта ба ҷумҳурӣ 33 кишвари хориҷӣ ба маблағи 37 миллиону 182 ҳазор доллар ё 7118 тонна ёрии башардӯстона расондаанд, ки аз маводи озуқа, доруворӣ, сару либос, пойафзол, таҷҳизоти тиббӣ ва компютерӣ, асбобҳои маишӣ ва ғайра иборат мебошад.

*Т. ХУРШЕД, «Садои мардум»*

- Аз рӯйи маълумоти фаврӣ, ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ тӯли соли сипаригардида дар кишвар 7 миллиарду 583,2 сомониро ташкил дод, - гуфт зимни нишасти матбуотӣ вазири энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шералӣ Гул.

## Тақсими барқ дар маҳалҳо ба ихтиёри мақомоти маҳаллист

- Аз ҷумла корхонаҳои тобеи вазорат дар ин давра ба маблағи 2 миллиарду 897,3 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд, ки ин нисбат ба соли 2010 ба андозаи 437,1 миллион сомонӣ зиёд аст. Суръати афзоиш 117, 8 фоиз таъмин гардидааст.

-Соли гузашта махсусан корхонаҳои соҳаи саноати сабук хубтару беҳтар фаъолият карданд, - гуфт дар идомаи нишаст вазир. – Дар ин давра корхонаҳои соҳа ба маблағи 243,3 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд, ки ба андозаи 172,5 миллион сомонӣ ё 70,9 фоизи маҳсулот ба содирот равона гардидааст. Агар солҳои пеш содироти корхонаҳо асосан аз калобаи пахтагӣ иборат бошад, пас соли гузашта дар таркиби содирот ҳаҷми матои пахтагин, молҳои дӯхтаи тайёр, ҷӯробу пайпоқ ва ғайра чанд маротиба зиёд шудааст. Ин гувоҳи он аст, ки истеҳсолкунандагони мо дарк намудаанд, ки ба содирот ҳар чӣ бештар маҳсулоти тайёр бояд фиристод, то фоидаи зиёд ба даст оварда шавад.

Ба суоли рӯзноманигорон бобати дар маҳалҳо риоя нагардидани меъёри барқ посух дода, Шералӣ Гул чунин гуфт:

- Тақсими қувваи барқ дар маҳалҳо ба зиммаи мақомоти маҳаллист. Онҳо бояд аз рӯйи инсоф, виҷдон назорат баранд, то ин ки қувваи барқ ба ҳама баробар тақсим шавад ва мардуми оддӣ дар фасли сармо азоб накашад.

*Т. САФАРЗОД, «Садои мардум»*

## Фаъолият густариш ёфтааст

Дар соли 2011 мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратии Ҷумҳурии Тоҷикистон 927 ҷинояти вобаста ба муомилоти мухаддиротро ба қайд гирифтанд. Аз муомилоти ғайриқонунӣ 4237 килову 798 грамм воситаҳои нашъаовар мусодира гардидааст, ки 509 килову 842 грамми онро навъи сахттаъсири героин ташкил медиҳад.

Директори Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал- лейтенанти милитсия Рустам Назаров гуфт, ки соли 2011-ум 158 ҳодисаи муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор пешгирӣ карда шуд. Дар ҷараёни амалиёти роҳандозишуда 944 килову 691 грамм мухаддирот, аз ҷумла 120 килову 368 грамм героин, 46 килову 555 грамм афюн ва 777 килову 768 грамм маводи нашъадори мансуб ба гурӯҳи каннабис мусодира гардид.

Дар соли 2011 Агентӣ 5 ҳодисаи паҳн намудани мухаддироти синтетикӣ ва моддаҳои психотропиро пешгирӣ карда, аз муомилоти ғайриқонунӣ 485 ҳабҳои синтетикиро мусодира намуд.

Шӯъбаи тафтишотии Агентӣ 163 парвандаи ҷиноятӣ ва тафтиши 108 парвандаро нисбат ба 153 нафар ба анҷом расонида, ба судҳо ирсол намуд. 12 нафаре, ки барои содир намудани ҷиноятҳои мухаддиротӣ дар кофтукови байнидавлатӣ қарор доштанд, дастгир гардиданд, фаъолияти 4 гурӯҳи муташаккили ҷиноятӣ қатъ карда шуд.

Соли 2011 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои содир намудани ҷиноятҳои мухаддиротӣ 50 (соли 2010-43) шаҳрванди хориҷӣ дастгир гардид, ки 32 нафар шаҳрванди Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, 7 нафар шаҳрванди Қирғизистон, 6 нафар аз Федератсияи Россия, 4 нафар шаҳрванди Ӯзбекистон ва 1 нафар аз Ҷумҳурии Халқии Хитой буданд.

41 нафар ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуда, бо ҳукми суд аз онҳо 24550 сомонӣ ҷарима ситонида шуд.

*Аъзам МӮСОЕВ, «Садои мардум»*

Зимни нишасти матбуотӣ дар Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ ва ҷиҳати татбиқи сиёсати иқтисодии Ҳукумати ҷумҳурӣ тӯли соли сипаригардида зикр шуд, ки вазорат корҳои муайянеро анҷом додааст. Дар ин давра ба вазорат қариб 15 ҳазор ҳуҷҷат ворид гардида, аз ҷониби вазорат 7 ҳазор мактуби ҷавобӣ ва таклифу пешниҳодҳо ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳои дахлдор, ташкилоту муассисаҳо ирсол шудааст. Бо мақсади тақвият бахшидани равандиислоҳоти иқтисодӣ соли 2011 аз тарафи вазорат 93 лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия гардида, аксари онҳо қабул шудаанд.

## Тамоюли устувор дар рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ

Рушди иқтисоди миллӣ тамоюли устувор гирифта, давоми сол суръати мусбии инкишофи Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ нигоҳ дошта шудааст. Аз рӯйи ҳисобҳои воқеӣ Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ 7,4 фоиз афзоиш ёфт. Чунончӣ, дар соҳаи саноат истеҳсоли 34 номгӯй маҳсулот, аз ҷумла тилло, лампаҳои каммасраф, ангишт, маҳсулоти дӯзандагӣ ва ҷӯроббофӣ, мебел, семент ва ғайра афзудааст.

Соли сипаригардида дар қаламрави ҷумҳурӣ 30 адад нерӯгоҳи хурди барқи обӣ бо иқтидори аз 15 то 4300 киловатт-соат сохта, ба истифода дода шуд. Айни замон сохтмони 7 нерӯгоҳи хурди барқи обӣ бо иқтидори лоиҳавии 2044 киловатт – соат аз ҳисоби маблағҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар сармоягузорони ватанию хориҷӣ идома дорад.

Сатҳи таваррум дар ҷумҳурӣ ба 9,4 фоиз расида, баланд шудани сатҳи таваррум асосан аз ҳисоби болоравии нархи маводи озуқа, маҳсулоти ғайрихӯрока ва хизматрасониҳо пулакӣ ба аҳолӣ ба амал омадааст.

*Д. ТОЛИБШОҲ, «Садои мардум»*

# Дар Ваҳдат нафақаро бо корт мегиранд

Таваҷҷуҳ ва ғамхории Ҳукумати кишвар нисбати табақаҳои ниёзманди аҳолӣ солҳои охир маҷрои тоза ва самарбахшу ибратомӯз мегирад. Барномаҳои зиёди паст кардани шиддатҳои иҷтимоӣ дар доираи Консепсияи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои солҳои 2010-2015, ба ҳалли мушкилоти ҷойдошта ва рӯзмарраи соҳаи мазкур равона гардидаанд.

Бино ба маълумоти Хадамоти матбуот ва рекламаи БДАТ «Амонатбонк», яке аз барномаҳои мавриди таваҷҷуҳ, ки солҳои охир аз тарафи Бонки давлатии амонатгузории Тоҷикистон «Амонатбонк» дар ҳамкорӣ бо Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мешавад, ин Барномаи гузариши пардохти нафақа тавассути кортҳои бонкӣ мебошад. Барномаи мазкур аз соли 2009 инҷониб дар саросари кишвар раҳандозӣ шуда, имрӯзҳо даври сеюми он дар арафаи анҷомёбист.

Дар доираи чорабиниҳои даври номбурда ба наздикӣ дар филиали БДАТ «Амонатбонк» дар шаҳри Ваҳдат маросими расмии гузариш ба хизматрасонии мазкур доир гардид. Зикр кардан бамаврид аст, ки шумораи нафақагирон дар шаҳри Ваҳдат беш аз 18 ҳазор нафарро ташкил медиҳад.

-Дар доираи амалӣ шудани чорабинии мазкур дар бинои филиали номбурда як адад банкомат насб гардида, тамоми нуқтаҳои пардохти нафақа бо Постерминалҳо таъмин шуданд,- гуфт зимни сӯҳбат сардори филиали мазкур Абдувосит Ятимов.

Дар баробари иҷрои корҳои техникию ҳуҷҷатгузорӣ, масъулин диққати ҷиддиро ба корҳои иттилоотонию фаҳмондадиҳӣ равона намуда, аз ҳисоби кормандон гурӯҳҳои фаҳмондадиҳӣ ташкил кардаанд. Гурӯҳҳо ба нафақагирон усули кор ва қоидаҳои истифодаи кортҳоро фаҳмонида, дар марҳилаи аввал ба онҳо кӯмаки амалӣ мерасонанд.

***Далер МЕРГАНОВ, «Садои мардум»***

# Толори нави варзишӣ

Дар маҳаллаи Теми шаҳри Хоруғ бо иштироки доираи васеи варзишгарону мураббиён толори нави гӯштӣ дари худро барои паҳлавонон боз намуд. Ин 13-умин толори гӯштӣ дар маркази Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аст. Толори мазкур бо иқдом ва маблағгузории соҳибкор Мунаввар Шанбиев қомат афрохта, дар он барои машқи доимии наврасону ҷавонон шароити хуб муҳайё шудааст. Пас аз ифтитоҳи расмии толори нави гӯштӣ дар ин ҷо мусобиқаи кушодаи шаҳрӣ бо иштироки намояндагони деҳоти Сӯчону Поршиневи ноҳияи Шуғнон аз рӯйи намуди дзю-до баргузор гардид

***Ш. ШОҲҚОСИМОВ, «Садои мардум»***

## БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

# БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНУ ПУДРАТЧИЁН!

## Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияи озмуни хариди **Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат** (минбаъд-мақоми Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Ваҳдат, кӯчаи Туғдона 12, телефон: **831-36-2-74-70**) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмуни хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешавад, даъват менамоянд:

| т/р | Ташкилоти Харидор | Предмети харид | Миқдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Ҷамоати деҳоти «Дӯстӣ» | Таъмири пурраи бинои ҷамоат | тибқи дархост | 21.02.2012 соати $10^{00}$ |

1.Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақоми Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.

2.Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои мӯҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

3.Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак тибқи тартиби муқарраргардида кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.

## БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

# БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНУ ПУДРАТЧИЁН!

## Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияҳои муштараки озмуни хариди **Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** (минбаъд – мақоми Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22, тел: 221-47-03, 223-11-80) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

| № ДИО | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | Предмети харид | Воҳиди ченак | Миқдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 147/1-33 | Хадамоти шиносномавию бақайдгирии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон | А. Садуллоев 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгӯй | 22 | 10.02.2012 соати $10^{00}$ |
| 148/1-34 | Китобхонаи илмии маркази ба номи И.Ганди | А. Садуллоев 227-66-60 | Мебел, компютер, мошинаи нусхабардорӣ, камераи мушоҳидавӣ | номгӯй | 10 | 21.02.2012 соати $9^{00}$ |
| 149/2-84 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Сино | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Бензини АИ- 92 | сомонӣ | 20100 | 10.02.2012 соати $10^{30}$ |
| 150/2-85 | Шабакаи Кӯмаки аввалияи тиббию санитарии шаҳри Турсунзода | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Доруворӣ | номгӯй | 37 | 10.02.2012 соати $11^{00}$ |
| 151/2-86 | Шӯъбаи фарҳанги Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Турсунзода | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Асбоби мусиқии KORG PA2-PRO | дона | 1 | 10.02.2012 соати $11^{30}$ |
| 152/2-87 | Муассисаи давлатии истифодабарии роҳҳои ноҳияи Сино | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Равғанҳои молидании техникӣ (3 намуд)<br>Солидол | литр<br>килограмм | 4650<br>220 | 10.02.2012 соати $11^{00}$ |
| 153/2-88 | Муассисаи давлатии истифодабарии роҳҳои ноҳияи Сино | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Қуми шустагӣ<br>Намаки техникӣ | $м^3$<br>тонна | 565<br>300 | 10.02.2012 соати $11^{30}$ |
| 154/2-89 | Шӯъбаи маорифи ноҳияи Шоҳмансур | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Маводи ғизоӣ | номгӯй | 10 | 10.02.2012 соати $13^{00}$ |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.
2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои мӯҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.
3. Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак тибқи тартиби муқарраргардида кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

ҶДММ «Союзснаб – Таджикистан», воқеъ дар кӯчаи Ч.Расулов 10а-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

# БУНЁДИ МИЛЛИИ ИҶТИМОИИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ТОҶИКИСТОН (БМИМТ)

## ДАЪВАТ БАРОИ ИШТИРОК КАРДАН ДАР САВДО-ОЗМУНҲО

Санаи даъват: «31» январи соли 2012
№ Шартномаҳо: **KFWII-10/ KFWII-15/ KFWII-17/ KFWII-30**
№ Грант: **BMZ №2005 66 315**

1. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Бонки Олмонии Рушд дар доираи Барномаи KFW (Фондҳои ҷамоавӣ барои мусоидати рушди маълумоти асосӣ ва барқарорсозии инфраструктураи коммуналӣ) Гранти BMZ №2005 66 315 гирифт. Дар назар аст, ки як қисми маблағҳои ин грант дар доираи шартномаҳои KFWII-10/KFWII-15/ KFWII-17/KFWII-30 ҷиҳати пардохт барои татбиқи лоиҳаҳои ҷамоавии:

***KFW II-10 «Сохтмони бинои таълимии 10 синфхона дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №17, деҳаи Янгиер, Ҷамоати деҳоти Маданият, ноҳияи Ҷ.Румӣ»***

***KFW II-15 «Сохтмони бинои таълимии 10 синфхона дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 11, деҳаи Шоҳмот, Ҷамоати деҳоти Озодагон, ноҳияи Панҷ»***

***KFW II-17 «Сохтмони бинои таълимии 6 синфхона дар мактаби таҳсилоти миёнаи нопурраи №24, деҳаи Маданият, Ҷамоатил деҳоти Крупская, ноҳияи Кумсангир»***

***KFW II-30 «Сохтмони бинои таълимии 8 синфхона дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 9, деҳаи Давлатшоён, Ҷамоати деҳоти Кангурт, ноҳияи Темурмалик»*** *истифода шаванд.*

**2. Супоришдиҳандаҳо -** ***Ассотсиатсияҳои волидайну омӯзгорони мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №17, деҳаи Янгиер, Ҷамоати деҳоти Маданият, ноҳияи Ҷ.Румӣ, мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 11, деҳаи Шоҳмот, Ҷамоати деҳоти Озодагон, ноҳияи Панҷ, мактаби таҳсилоти миёнаи нопурраи № 24, деҳаи Маданият, Ҷамоати деҳоти Крупская, ноҳияи Қумсангир, мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 9, деҳаи Давлатшоён, Ҷамоати деҳоти Кангурт, ноҳияи Темурмалик*** ва маблағгузор - Бунёди Миллии Иҷтимоии Маблағгузории Тоҷикистон (БМИМТ) ***ташкилотҳои сохтмонии аз интихоби пешакӣ гузаштаро*** даъват менамоянд, ки пешниҳодоти озмунии пӯшидаро барои иштирок намудан дар озмуни интихобӣ ҷиҳати иҷрои лоиҳаҳои ***KFW II-10, KFW II-15, KFW II-10, KFW II-15*** манзур намоянд.

Иштирокчиёни савдо-озмун бояд Иҷозатномаи ҳуқуқи иҷрои корҳои сохтмонӣ-васлкуниро дошта бошанд.

3. Ҳуҷҷатҳои савдо-озмун ва нусхаҳои иловагии онро бо пардохти бебозгашт, ба маблағи 300 (сесад) сомонӣ барои ҳар як бастаи ҳуҷҷатҳо аз суроғаҳои зерин дастрас кардан мумкин аст:

***Дафтари минтақавии БМИМТ, ш. Қӯрғонтеппа, кӯчаи Зайнидинов 34.***

***Дафтари минтақавии БМИМТ, ш.Кӯлоб, кӯчаи Н.Ҳувайдуллоев 9/14.***

Маълумоти иловагиро низ аз ҳамин суроғаҳо дастрас кардан мумкин аст.

**4.** Конфронсҳои пешазозмунӣ барои лоиҳаи ***KFW II-10 рӯзи 14-уми феврали соли 2012, соати $9^{30}$, дар бинои мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №17, деҳаи Янгиер, Ҷамоати деҳоти Маданият ноҳияи Ҷ.Румӣ,*** барои лоиҳаи ***KFW II-15*** рӯзи ***14-уми феврали соли 2012, соати $14^{30}$, дар бинои мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 11, деҳаи Шоҳмот, Ҷамоати деҳоти Озодагон, ноҳияи Панҷ,*** барои лоиҳаи ***KFW II-17 рӯзи 14-уми феврали соли 2012, соати $11^{30}$, дар бинои мактаби таҳсилоти миёнаи нопурраи № 24, деҳаи Маданият, Ҷамоати деҳоти Крупская, ноҳияи Қумсангир,*** барои лоиҳаи ***KFW II-30*** рӯзи ***16-уми феврали соли 2012, соати $11^{00}$, дар бинои мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 9, деҳаи Давлатшоён, Ҷамоати деҳоти Кангурт, ноҳияи Темурмалик*** баргузор мегарданд.

**5.** Пешниҳодҳо бояд аз рӯи қолаби стандартӣ, дар бастаи ҳуҷҷатҳои тендерӣ ***на дертар аз соати $14^{00}$ рӯзи 29-уми феврали соли 2012*** ба суроғаҳои зайл пешниҳод шаванд: ***ш.Душанбе, кӯчаи Шотемур 27, ошёнаи 2, утоқи 22 Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон,*** ки он ҷо дар ҳузури иштирокчиёни озмун ва намояндагони ***Ассотсиатсияҳои волидайну омӯзгорони мактабҳо*** аз тарафи комиссияи тендерии ***Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон*** кушода мешаванд.

6. Пешниҳодҳои озмунӣ пас аз кушодан бояд муддати 45 рӯз эътибор дошта бошанд. Пешниҳоди озмунӣ бояд аз рӯйи қолаби стандартии «Замонати бонкӣ барои пешниҳодҳои озмунӣ» ба андозаи на кам аз 50 ҳазор сомонӣ замонати бонкӣ дошта бошад.

**Маълумотҳоро тавассути телефонҳои БМИМТ гирифтан мумкин аст:**

дар ш. Душанбе: (8-992-37) 221-31-08, 221-68-44,
дар ш.Қӯрғонтеппа: (8-3222) 3-60-43/ 3-61-73,
дар ш. Кӯлоб: (8-3322) 2-66-66.
**e-mail: spap@nsift.tojikiston.com; http://www.nsift.tojikiston.com/**

# ПРИГЛАШЕНИЕ К УЧАСТИЮ

**Республика Таджикистан**
**Проект развития муниципальной инфраструктуры**
**ГРАНТ №.: H2000 TJ**

Краткое описание: проведение круглого стола по обсуждению Плана управления окружающей средой (ПУОС) и Политика действий по переселению (ПДП) в рамках предлагаемого дополнительного финансирования для Проекта развития муниципальной инфраструктуры

1. Правительство Республики Таджикистан в лице ГУП КМК готовит дополнительное финансирование для Проекта развития муниципальной инфраструктуры (ПРМИ) для рассмотрения Международной Ассоциацией Развития. В рамках подготовки дополнительного финансирования были разработаны План управления окружающей средой (ПУОС) и Политика действий по переселению (ПДП).

2. Центр управления Проекта развития муниципальной инфраструктуры от лица ГУП ХМК настоящим приглашает заинтересованные лица и организации для обсуждения ПУОС и ПДП и предоставления комментариев.

3. Заинтересованные участники могут получить дополнительную информацию в Центре управления проектом, электронный адрес office@midp.tj и изучить документацию для переселения и\или защиты окружающей среды по указанному далее адресу, начиная с $10^{00}$ утра до $16^{00}$ вечера и на сайте www.amcu.gki.tj

4. Встреча будет проводиться в здании МБТИ на 2 этаже в Учебном Центре 3 февраля $14^{00}$ часов. Все участники должны подтвердить свое участие до $16^{00}$ часов 2 февраля 2012 года по адресу:

Относительно обсуждений по городку Фархор круглый стол будет проводиться в здании Государственной исполнительной власти района Фархор 6 февраля в $11^{00}$ часов. Все участники должны подтвердить свое участие до $16^{00}$ часов 5 февраля 2012 года по адресу:

**улица Карабаева 56,**
**г. Душанбе,**
**Республика Таджикистан.**
**Телефон: (992372) 33 13 30/33 88 25**




# ЭЪТИБОР НАДОРАД

Дипломи силсилаи ШВ, №679473-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии шаҳри Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ соли 1995 бо қайди 238 ба Гулмадов Алишер Ихайнович додааст, эътибор надорад.

***

Патенти №0145934 бо РЯМ 0930047709-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 2 апрели соли 2011 ба Ҳамроев Султон Абдураҳимович додааст, эътибор надорад.

***

Дафтарчаи имтиҳонии №240/01-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ соли 2001 ба Гулов Хуршед Саломович додааст, эътибор надорад.

***

Билети донишҷӯйии №151/07-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи технологии Тоҷикистон соли 2007 ба Алимшоев Миршакар Мамадмусоевич додааст, эътибор надорад.

***

Дафтарчаи имтиҳонии силсилаи ГО, №9308-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур соли 2009 ба Эмомалиев Одинаҳмад Мирзоалиевич додааст, эътибор надорад.

***

Гувоҳномаи №09/528677 бо РМА 095286773-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 20 ноябри соли 2008 ба Ниъматов Ибодуло Ҳикматович додааст, эътибор надорад.

***

Патенти №0046835-и гумшуда бо РЯМ 0730008383-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Турсунзода 19 феврали соли 2010 ба сокини шаҳри Турсунзода, кӯчаи Навоӣ 30 Расулова Мадинабону додааст, эътибор надорад.

Садои МАРДУМ

САРМУҲАРРИР Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неққадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Рашт - 98-537-88-60, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз

Ба чопаш 30 январи соли 2012, соати 18.00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 26000 нусха

Навбатдори шумора Д.Мерганов

Тарроҳони компютерӣ И. Самохин ва Н. Исмоилова